ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ БА НОМИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМИИ
АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

ТДУ: 37. 03 : 681
ТКБ: 74. 0 : 73
М - 65

РИЗОЕВА НИГИНАМО МАҲМАДУЛЛОЕВНА

# АСОСҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛИИ НАВРАСОН ДАР АСОСИ ПЕДАГОГИКАИ ХАЛҚӢ

**Ҳимояи такрорӣ**

**Автореферати**
**диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии**
**номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси**
**13.00.05 – Назария, методика ва ташкили**
**фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ**
**(13.00.05.03. – педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ)**

**ДУШАНБЕ – 2025**

Диссертатсия дар шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон таҳия гардидааст.

**Роҳбари илмӣ** **Иматзода Лутфия Маҳмадулло –** доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

**Муқаризони расмӣ** **Сабурӣ Хайрулло Мирзозода** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”

**Саодати Раҳмоналӣ -** номзади илмҳои педагогӣ, саромӯзгори кафедраи таҳсилоти томактабӣ ва кори иҷтимоии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

**Муассисаи пешбар**: **Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Ҳимояи такрории диссертатсия санаи «20» ноябри соли 2025, соати 15:00 дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-030-и назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи А.Адҳамов, 11/2, Тел.: 227 62 46; 55 999 31 20) баргузор мегардад.

Бо диссертатсия дар китобхона ва сомонаи шурои диссертатсионии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (https://shurodis-prmatt.tj) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «17» октябри соли 2025 тавзеъ шудааст.

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, н.и.п., дотсент** **Ш.П.Котибова**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Тарбияи худшиносии миллии насли наврас ҳамчун рукни муҳими давлатдории миллӣ дар рушди ҷомеаи муосир яке аз самтҳои асосӣ маҳсуб меёбад. Барои тарбияи насли наврас дар руҳияи худшиносии миллӣ таъмини шароити иҷтимоӣ-педагогӣ хеле муҳим мебошад ва қобили тазаккур аст, ки тарбияи наврасону ҷавонон ба воситаи педагогикаи халқӣ ҳадафрасу шавқовартар ба ҳисоб меравад.

Бояд гуфт, ки масъалаи дар руҳияи худшиносии миллӣ тарбия намудани наврасону ҷавонон ва баланд бардоштани ҳисси худшиносии онҳо дар як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқи кишвар инъикос ва асоснок карда шудаанд. Маҳз ҳисси худшиносии миллӣ аст, ки наврасону ҷавонон барои муҳофизати Ватани худ ва ҳифзи марзу буми он мардонагӣ нишон медиҳанд. Худшиносии миллӣ меҳру муҳаббат ва ҳурмату эҳтиром ба гузаштаи халқ ва пешрафти ояндаи давлат мебошад. Шаҳрванди ватандӯст ба қадри таърихху фарҳанг, забон, табиати Ватан ва дастовардҳои ниёгони тамаддунофари худ мерасад ва аз он ифтихор мекунад.

Ба ин маънӣ мулоҳизаҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти ҷумҳурӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки таваҷҷуҳи низоми маорифро ба тарбияи шахсияти фаъолу созанда ифода месозад, ҷолиби диққат мебошад: «Ҳадафи муҳими низоми маориф тарбияи шахсияти фаъол ва созанда аст. Масъалаҳои дар зеҳну шуури хонандагон ва ҷавонон тарбия кардани эҳсоси худогоҳии миллӣ, худшиносии таърихӣ, истифодаи анъанаҳои беҳтарини маорифи миллӣ ва умумибашарӣ, арзишҳои фарҳангию ахлоқӣ, ки то имрӯз барои ноил шудан ба дастовардҳои илму техника ва фарҳанг мусоидат намудаанд, таҳти таваҷҷуҳи доимии давлат қарор доранд» [14,21].

Аз ин лиҳоз, метавон гуфт, ки низоми таълиму тарбия ва афкори педагогии миллии муосир, ки тарбияи шаҳрвандони ояндаро ба зимма гирифтааст, бояд ҳама ҷомеа, аз ҷумла насли наврасро бо арзишҳои моддию маънавӣ, назарияҳои пешқадам ва сарчашмаҳои нодир, мероси адибону олимони бузург шинос созад. Ҳадафи асосӣ тарбияи инсони комил, рушди некӯаҳволии он, муҳайё намудани шароити коркарди механизмҳои муассири татбиқи барномаҳои рафтори иҷтимоӣ мебошад.

Бо назардошти муҳиммияти масъалаи зикршуда дар даврони истиқлолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои ҳуқуқӣ ва барномаҳои зиёде, аз ҷумлаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар

бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон», Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022», «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то солҳои 2030» ва ғайра қабулу амалӣ гашта истодаанд.

Дар Консепсияи миллии тарбия ба нақши ҷомеа дар тарбия ва нигаҳдошти арзишҳои ахлоқӣ ва худтарбиякунӣ ҳамчун омили муҳими ташаккули ахлоқи ҳамида мавриди таваҷҷуҳ гардидааст, зеро бар асари ҷаҳонишавӣ ё глобализатсия ба ахлоқи ҳамида таҳдидҳо ба миён омадаанд. Аз ин рӯ, мавзӯи мо ташаккули худшиносии миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ интихоб гардидааст, то ки барои шинохт, нигаҳдошт ва рушди арзишҳои миллии тоҷикон дар чунин шароит наврасону ҷавонон омода бошанд.

Махсусан бояд қайд кард, ки амалӣ сохтани “Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022» ҷидду ҷаҳди якҷояи тамоми табақаҳои ҷомеа, кулли сохторҳои он ва пеш аз ҳама, муассисаи таълимӣ ва худи шахсро тақозо мекунад. Омӯзиши ахлоқи ҳамида ва одоби муошират як қадаме барои дастёбӣ ба ин ҳадаф ва амалӣ сохтани сиёсати давлат дар тарбияи наврасону ҷавонони муосир аст. Мақсаду вазифаҳои ниҳоии тарбияи миллӣ ташаккули инсони комили ҷомеа, соҳиби ватан, нангу номуси миллӣ, ифодагари симои зеҳнию маънавӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ ва арзишҳои дигари волои ҷомеа мебошад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягонаро ҳадафи худ қарор додааст. Ташаккул ва рушди минбаъдаи он ба тарбияи шахсиятҳои дорои сатҳи баланди ахлоқӣ, дунёи пурғановати маънавӣ, фикру ҷисми солим, эҳсоси баланди ватандӯстӣ, масъулияти шаҳрвандӣ ва худшиносию худогоҳии миллӣ, риоягари қонунҳо, ҳуқуқҳо, озодиҳо, таҳаммулпазир, зебописанд, масулиятшиносу фаъол ва созандаю эҷодкор вобаста аст. Тарбияи чунин шаҳрвандон вазифаи давлат, ҷомеа ва оила аст.

Таҳлилу таҳқиқи тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ омили муҳими ташаккулдиҳӣ ва ташаккулёбии шуур ва ҷаҳонбинии илмии наврасону ҷавонон дар ҳамаи давру замонҳо дар хатти меҳварӣ қарор дорад. Чунки ин раванд ҷабҳаҳои сиёсӣ-таърихӣ, иҷтимоӣ, психологӣ, фарҳангшиносӣ, педагогӣ дошта, онҳо зери сиёсати давлат ва баҳисобгирии манфиатҳои аҳли ҷомеа амалӣ гардонда мешаванд. Ҷабҳаи таърихӣ доштани ин равандро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ чунин таъкид намудаанд, ки «Таърихи пурифтихори халқи тоҷик мактаби бузурги худшиносист ва мо вазифадорем, ки бо он арҷ гузорем, саҳифаҳои дурахшони қаҳрамониву диловарии

гузаштагонамонро омӯзем ва онро ҳамчун асоси ғояи ватандӯстиву садоқат ба Ватан ташвиқ намоем» [14,76].

Яке аз омилҳои муҳимтарини ҳаёти ҷамъиятию сиёсии халқҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ дар давраҳои охир афзоиши босуръати худшиносии миллӣ мебошад. Имрӯз майлу хоҳиши миллатҳо ба соҳибихтиёрии воқеӣ аён аст, ки гарави амалӣ гардидани манфиати миллии онҳо хоҳад буд.

Масъалаҳои мубрамии тарбияи худшиносии наврасону ҷавонон дар осори файласуфон ва мутахассисони хориҷию ватанӣ К.Д.Ушинский[12], Л.С.Виготский [3], Л.В.Колесникова, В.П.Комаров, Р.Г.Абдулатипов, А.О.Бороноев, Т.Ю.Бургомистрова, М.С.Джунусов, А.Н.Старина, К.Н.Хабибулин ва дигарон; масъалаҳои марбути педагогикаи халқӣ П. Ф. Каптерев, Н. И. Костомаров, К. Д. Ушинский, коркарди моҳият, ҷамъбасткунии усул ва шаклҳои педагогикаи халқӣ Г.Н.Волков[2], Г.С.Виноградов, асарҳои ба этнопедагогика бахшидашудаи В. А. Александров, О. Д. Мукаева, З. П. Василтсова, А. Е. Измайлов, А.П.Орлова, А.Б.Панкин, А.Г.Хузина, Я.И.Ханбиков баррасӣ шудаанд.

Масоили тарбияи худшиносии наврасону ҷавонон, инчунин дар асарҳои донишмандони муосири тоҷик, равоншиносону методистон ва педагогҳои шинохта Т.Атохонов, М.Орифӣ, И.Обидов, Х. Афзалов [1], М. Лутфуллозода [6], Ф. Шарифзода [13], Қ.Б. Қодиров, И.Х. Каримова, Х.Буйдоқов, Х.Раҳимзода, Б. Раҳимов, А.Нуров [9], Б.Маҷидова [8], Н.Юнусова, Д.Латифзода, Х.М. Сабурӣ, Ш.А.Шаропов, Ҷ.Файзализода, Ф.Гулматов, И.Давлатшоев [4], М.М.Азизӣ, А.Мирализода ва дигарон ба мероси педагогии ниёгон рӯ оварданд ва дар натиҷа таҳқиқотҳои зиёде ба майдон омаданд, ки дар онҳо масъалаҳои асосии инкишофи ақидаҳои педагогии мутаффакирони тоҷик баррасӣ шуданд. Дар асарҳои М.Лутфуллозода «Педагогикаи шафқат», «Эҳёи педагогикаи Аҷам», «Педагогикаи миллии халқи тоҷик»[6], Х.Афзалов, Б.Раҳимов «Таърихи педагогикаи халқи тоҷик» [1], Ф.Шарифзода, Ҷ.Файзализода «Ҳикмати афкори педагогии ниёгон» [13], А.Нуров «Арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ: асоси пайдоиш, рушд ва нақши онҳо дар тарбияи шахсият» [9], Х.Раҳимзода «Таъсири муассисаҳои иҷтимоии таълим ба омодагии хонандагони синфҳои болоӣ ба ҳаёти оилавӣ», Ш.Шаропов «Ғояҳои марифпарваронаи халқи тоҷик» ва дигарон муҳимтарин давраҳои инкишофи педагогикаи тоҷик баррасӣ гардидаанд.

Ҷанбаҳои гуногуни масъалаи мазкур дар таълифоти И.В.Кожакова, Н.А.Левитский, А.Турсунов, М.Турсунова, З.Б.Мубинов, Ф.М.Мирахмедов, М.М.Насриддинов, С.Е.Овлякулиев, В.А.Мандрагеля, П.Б.Донияровa, М.М.Насриддинова, Л.А.Альшевская, С.С.Бусыгина ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор ёфтаанд.

Бояд қайд кард ки дар ҷаҳони имрӯза «бухрони амиқе соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеаи чаҳониро фаро гирифтааст, маънавиёти инсонро коста гардонида, ба густариши эҳсосҳои бадбинӣ, нафрат, ҷангу хунрезӣ, терроризм, харобкорӣ ва ғайра мусоидат менамояд». Аз ҷониби дигар, глобалӣ шудани мазмуни таҳсилот ва ҳамгироии халқҳою миллатҳо хавфи аз байн бурдани арзишҳои миллатҳои камнуфусро ба миён меорад. Аз ин сабаб, гуманизатсияи ҳаёти ҷомеа ва ташаккули худшиносии миллии наврасону ҷавонон масъалаи муҳим маҳсуб меёбад.

Талаботҳои навине, ки шароити муосир барои ташаккули сатҳи худшиносии миллии наврасон мегузорад, муносибатҳои ҷадидро дар мазмуни таҳсилот ва истифодаи технологияҳои педагогии босамарро тавассути мероси бою ғании педагогикаи халқӣ (этнопедагогика) тақозо дорад.

Инчунин, ҷиҳати корбарӣ ҷиҳати дур кардани таваҷҷуҳи насли наврас аз сомонаҳои номатлуби интернети ҷаҳонӣ ҳамчун омили асосии парешонгардонӣ дар ташаккули арзишҳои маънавию ахлоқӣ ва худшиносии миллӣ дар байни наврасону ҷавонон зарурияти омӯзишро ба миён овард, ки ин масъала дар ҷараёни таҳқиқот ҳаллу фасл гардид.

Таҳлили адабиёти илмӣ-педагогӣ ва ҳатто равоншиносӣ-фалсафии таҳқиқоти диссертатсионӣ барои ошкор кардани **ихтилофот** имкон дод, то таъкид гардад, ки тарбияи худшиносии наврасону ҷавонон дар ҳама давру замон ва шароитҳои муайян аҳамияту мубрамияти худро доро мебошад.

Ҷиҳати ҳалли масъалаи мазкур истифодаи асарҳои педагогикаи халқиро дар ташаккули худшиносии миллии наврасон мавриди таҳқиқ қарор додан аҳамияти назарию амалии мавзӯи рисолаи илмии «Асосҳои педагогии ташаккули худшиносии миллии наврасон дар асоси педагогикаи халқӣ»-ро муайян намуд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзӯъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар пояи пажӯҳишҳое, ки дар асоси нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии шуъбаи педагогика ва психологияи Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дар мавзӯи «Асосҳои педагогӣ-равонии рушди хештаншиносиву ташаккули ҷаҳонбинӣ ва иҷтимоишавии хонандагон ва наврасону ҷавонон дар замони муосир» мавриди таҳқиқ қарор ёфтааст, таълиф гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Мақсади таҳқиқот** аз ҷиҳати педагогӣ ва методологӣ омӯхтан ва асоснок намудани раванди ташаккули худшиносии миллии наврасон тавассути педагогикаи халқӣ.

**Вазифаҳои таҳқиқот:**

- таҳлили ҷанбаҳои тарбиявии педагогикаи халқӣ, ҷойгоҳ ва мақоми низоми арзишҳои миллӣ ва анъанаҳои фарҳангии халқ дар рушди худшиносии миллии наврасон;

- баргузории таҳқиқот оид ба ташаккули худшиносии миллӣ дар байни наврасон зимни омӯзиши мероси намояндагони адабиёти классикӣ ва муосир, анъанаву ойинҳои миллӣ;

- коркарди амсилаи "Ташаккули худшиносии миллӣ тавассути педагогикаи халқӣ" дар фаъолияти беруназтаълимӣ», ки дар натиҷа таваҷҷуҳи наврасон ба рӯйдодҳои иҷтимоию сиёсӣ ва омӯзиши анъанаҳои таърихию фарҳангии халқ равона гардида, оид ба мероси таърихию фарҳангии халқ ва меъёрҳои ахлоқии рафтор дониши мукаммал мегиранд;

- таҳияи мазмуну мундариҷаи «Барномаи ташаккули худшиносии миллии наврасон тавассути педагогикаи халқӣ берун аз фаъолияти таълимӣ", ташкил ва баргузории чорабиниҳо дар тарбия намудани сифатҳои ватандӯстӣ, ҳисси ифтихори миллӣ, хештаншиносӣ, худшиносии миллӣ, башардӯстӣ, садоқату муҳаббати бепоён ба Ватан;

- ташаккули худшиносии миллии наврасон тавассути педагогикаи халқӣ бо истифода аз технологияҳои муосири педагогӣ ва пешниҳоди тавсияҳои методӣ оид ба такмили ин раванд.

**Объекти тадқиқот** рушди худшиносии миллӣ ва ташаккули худшиносии наврасон тавассути педагогикаи халқӣ интихоб шудааст.

**Мавзӯи (предмети)** таҳқиқот ташаккули худшиносии наврасон тавассути педагогикаи мардумӣ, ки ба худшиносии миллӣ нигаронида шудааст.

**Фарзияи тадқиқот аз он иборат аст**, ки самаранокии раванди ташаккули худшиносии миллии наврасон бо истифода аз педагогикаи халқӣ он вақт босамар мегардад, ки агар:

- барои ташаккули худшиносии миллии наврасон шароитҳои иҷтимоию педагогӣ бо истифода аз арзишҳои миллӣ таҳия ва татбиқ карда шаванд;

- педагогикаи халқӣ ва унсурҳои этнопедагогика аз эҷодиёти халқ дар ташаккули худшиносии миллии наврасон мавриди истифода қарор ёбад;

- наврасон дар раванди таълим ва чорабиниҳои беруназтаълимӣ барои омӯзиши мероси таърихию фарҳангии халқ, меъёрҳои ахлоқии рафтор шавқманд гарданд;

- барои ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон тавассути омӯзиши мероси намояндагони адабиёти классикӣ ва муосир, анъана ва оинҳои миллӣ «Барномаи ташаккули худшиносии миллии наврасон тавассути педагогикаи

халқӣ дар фаъолияти беруназтаълимӣ» таҳия гардида, дар амалия мавриди санҷиш қарор дода шавад.

- аҳамияти тарбиявӣ ва шаклгирии ҳуввияти миллӣ чун воситаи ташаккули шахсияти комили наврасон дар ҳамкорӣ омӯзгорон, волидайн, фаъолони ҷамъиятӣ амалӣ гардад.

**Марҳила, ҷой ва давраи омӯзиш.** Тадқиқоти диссертатсионӣ дар чор марҳила сурат гирифт. Ташкил ва методологияи таҳқиқ ба системаи усулҳои мукаммали таҳлили сотсиологӣ, иҷтимоию психологӣ ва пеш аз ҳама педагогӣ, ки ба ҳадафҳо, вазифаҳо, объект, предмет ва методологияи таҳқиқ мувофиқанд, асос ёфтааст.

**Дар марҳалаи аввал** (солҳои 2017-2018) мавзуи таҳқиқшаванда дар адабиёти психологию педагогӣ ва методӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, шароит ва омилҳои таъсиргузор ба ташаккули худшиносии миллии наврасон дар минтақаҳои ҷумҳурӣ муайян гардиданд. Фарзияи корӣ тартиб дода шуда, объект, предмет ва асосҳои тадқиқоти он аниқ карда шуд. Таҳлили адабиёти илмӣ, таълимӣ ва методии ба масъалаи таҳқиқот бахшидашуда гузаронида шуда, инчунин аввалин мақолаҳои марбут ба мавзуъ нашр шуданд.

**Дар марҳалаи дуюм** (солҳои 2019-2020) омӯзиши адабиёт оид ба масъала идома ёфта, ҷараёни муайян кардани заминаҳои педагогӣ, иҷтимоӣ, ташкилӣ, таъмин ва танзими фаъолият дар самти тарбияи худшиносии наврасонро фаро гирифтааст. Маводи таҷрибавӣ таҳия гардид, ки ба ташхиси вазъи сатҳи ташаккули худшиносии миллии наврасон равона гардид. Дар асоси истифодаи усулҳои гуногуни мушоҳида ва озмоиш, бо роҳи гузаронидани таҷриба маводҳо гирд оварда шуданд, ки барои сатҳи худшиносии миллии наврасон имкон доданд.

**Дар марҳилаи сеюм** (солҳои 2020-2021) дар муассисаҳои таълимӣ, ҷамоатҳои ноҳияҳои таҷрибавӣ ва шаҳр корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ гузаронида шуданд. Барномаи ташаккули худшиносии миллии наврасон тавассути педагогикаи халқӣ берун аз фаъолияти таълимӣ» амалӣ гардид. Ташхиси нишонаҳои ҳамоҳангсозии фаъолияти оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеа дар тарбияи худшиносии наврасон ҷудо карда шуда, асосҳои консептуалии системаи корҳои тарбиявӣ бо хонандагон муайян карда шаванд.

**Дар марҳилаи чорум** (солҳои 2022-2024) натиҷаҳои дар рафти тадқиқот бадастомада ҷамъбаст, коркард ва пайваста пешниҳод карда шуданд. Шароитҳои баланд бардоштани самаранокии тарбияи худшиносии наврасону ҷавонон дар ҷараёни таълиму тадрис, роҳҳои самараноки истифодаи педагогикаи халқӣ ва унсурҳои этнопедагогии эҷодиёти халқ, инчунин шаклҳо ва технологияи тарбияи худшиносии наврасон дар ҷараёни таълиму тадрис ва ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии онҳо муайян карда

шуданд, ки вобаста ба хулосабарории натиҷаҳои таҳқиқот мусоидат мекунанд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки таълимоти файсалуфон, муҳаққиқон, педагогҳо, равоншиносони ватаниву хориҷӣ дар бораи тарбияи наврасону ҷавонон, истифодаи осори онҳо дар ташаккули худшиносии наврасон мавриди таҳлили омӯзиши амиқ қарор ёфтааст. Самаранокии таҳқиқот дар асоснокии назариявӣ ва методии барномаи педагогии ташаккули худшиносии миллии наврасон, шароитҳои педагогии бо ҳам алоқаманд, дар асоси принсипҳои ҳамгироии арзишҳои педагогии миллӣ ва умумибашарӣ ифода меёбад, ки дар давоми қарнҳо инкишоф ёфтаанд ва ташаккули худшиносии миллии насли наврасонро аз нуктаи назари инкишофи ҳаматарафаи шахсият таъмин менамоянд.

**Асосҳои методологии таҳқиқотро н**уқтаи назари файласуфон дар бораи шуури ҷамъиятӣ ҳамчун ҷараёни фаъол ва эҷоди инъикоскунандаи ҳақиқати воқеӣ. Нуқтаи назарро дар бораи он ки худшиносӣ ва худшиносии миллӣ аз ҷузъҳои ба ҳам алоқаманд иборат буда, ташкил медиҳад, ки мавриди таҳқиқи масъалаи мазкур ба қонуни фалсафии ягонагию ба ҳам алоқамандии ҳодисаву воқеаҳо такя намуда, назарияи психологии инкишофи шахсият дар меҳвари он қарор дорад.

**Сарчашмаи маълумоти тадқиқотӣ** осори файласуфон, мероси намояндагони адабиёти классикӣ ва муосир, педагогҳо, равоншиносон ва дигар олимон дар соҳаи ташаккули ҷаҳонбинии миллӣ, эътиқоди ахлоқӣ, меъёру принсипҳои рафтори шаҳрвандӣ мебошанд. Инчунин, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва барномаҳои зиёд, аз ҷумлаи Қонуни ҶумҳурииТоҷикистон «Дар бораи маориф», Консепсияи милли тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» (соли 2017), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон» (соли 2014), Барномаи давлатии тарбияи насли наврас дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2017», Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то солҳои 2020, Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то солҳои 2030, ки дар онҳо гуманизатсияи ҳаёти ҷомеа ва ташаккули худшиносии миллии наврасону ҷавонон масъалаи муҳим маҳсуб меёбад, мавриди таҳлилу омӯзиш қарор ёфтанд.

**Заминаҳои эмпирикии тадқиқот** ба ҳамкории бевоситаи амалии муаллиф бо объекти таҳқиқшаванда, таҳияи нақшаи тадқиқот, ташкили корҳои таҷрибавии тадқиқотӣ, тавсиф ва ҷамъбасти маълумоти бадастомада, гурӯҳбандӣ ва умумикунонии онҳо тавассути истифодаи усулҳои эмпирикӣ; ҷалби мақсадноки наврасон ва фаъолони ҷамъиятӣ ба чорабиниҳои таълимӣ

ва фарҳангӣ, ки ба тағир додани дониш дар бораи арзишҳои миллӣ ва фарҳангии халқи онҳо мусоидат мекунанд, ҳамбастагӣ дорад

**Пойгоҳи таҳқиқотро** муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №10,1-и ноҳияи Восеъ, №21-и шаҳри Кӯлоб ва №№35,36-и шаҳри Душанбе, наврасони синни15-17 солаи ҷамоати шаҳраки Ҳулбук, ҷамоати деҳоти Тугараки ноҳияи Восеъ ташкил дод. Дар ҷараёни корҳои илмӣ-тадқиқотӣ сатҳи ҷаҳонбинии миллии иштирокчиёни он – наврасон, омӯзгорон, фаъолони ҷамъиятӣ, чорабиниҳои фарҳангию маърифатӣ мавриди таҳлил қарор гирифт. Дар кори таҷрибавӣ зиёда аз 120 нафар наврасон (хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва наврасоне, ки аз таҳсил дур мондаанд), 35 нафар омӯзгорон, 45 нафар волидайн ва 25 нафар намояндагони гуруҳҳои гуногуни аҳолӣ иштирок намуданд.

**Нововарии илмии тадқиқотро чунин баён кардан мумкин аст:**

- вазифа, мазмуни шакл ва усулҳои ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон аз нуқтаи назари инкишофи ҳамаҷонибаи шахсият муайян карда шудааст;

- самараи ҳамкории педагогии ташаккули худшиносии миллии хонандагон, омӯзгорон, гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ, ки дар раванди таҳқиқот иштирок доранд, исбот шудааст.

- хусусиятҳои ташаккули худшиносии миллии наврасон ошкор гардида, дар асоси он роҳҳои бартараф намудани мушкилот дар шаҳру ноҳияҳои таҷрибавӣ муайян карда шуданд.

- “Барномаи ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон тавассути педагогикаи халқӣ берун аз фаъолияти таълимӣ”, коркард ва асоснок шуда, тавсияҳои методӣ оид ба такмили ин раванд пешниҳод гардид.

- ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон тавассути омӯзиши мероси намояндагони адабиёти классикӣ ва муосир, анъана ва ойинҳои миллӣ, ташкил ва баргузории идҳое, ки дар рафти онҳо ҳисси мансубият ба арзишҳои маънавии мардум ташаккул ёфта, фаъолияти иҷтимоӣ ва фарҳангӣ зоҳир мегардад, таҳқиқ гардидааст.

**Муқаррароти зерин барои дифоъ пешниҳод карда мешаванд:**

Тавсифи мазмун ва моҳияти ташаккули худшиносии миллии наврасон дар асоси:

- арзишҳои миллӣ-фарҳангӣ, омӯзиши анъанаҳои миллӣ ва фарҳангӣ дар ҳамгироӣ бо арзишҳои муосири умумибашарӣ мавриди истифода қарор меёбанд;

- мақоми тарбиявии арзишҳои миллӣ ба рушди худшиносии миллии насли наврас таъсир расонида, ба ин раванд гурӯҳҳои гуногуни ҷомеа ҷалб мегарданд.

- Барномаи ташаккули худшиносии миллии наврасон тавассути педагогикаи халқӣ берун аз фаъолияти таълимӣ» таҳия мегардад, ки тавассути он наврасон ба рӯйдодҳои иҷтимоию сиёсӣ ва омӯзиши анъанаҳои таърихию фарҳангии халқ ҷалб гардида, дар онҳо сифатҳои волои инсонпарварӣ, ватандӯстӣ, ҳисси ифтихори миллӣ, хештаншиносӣ, худшиносии миллӣ, башардӯстӣ, садоқату муҳаббати бепоён ба Ватан ташаккул меёбад.

- таваҷҷуҳи наврасон ба рӯйдодҳои иҷтимоию сиёсӣ ва омӯзиши анъанаҳои таърихию фарҳангии халқ, дар асоси таъсири эҳсосӣ ба хонандагон тавассути азхудкунии дониш дар бораи мероси таърихию фарҳангии халқ, ба меъёрҳои ахлоқии рафтор ҷалб мегардад;

- фарогирии мақсадноки наврасон ба чорабиниҳои маърифатӣ ва фарҳангӣ ба табдил додани дониш дар бораи арзишҳои миллӣ ва фарҳангии халқи худ ба худшиносии миллӣ мусоидат мекунанд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки дар рисола консепсияҳои педагогӣ ва иҷтимоии асосҳои педагогии ташаккули худшиносии миллии насли наврас ҷамъбаст карда шудааст; моҳияти педагогии ибораи «худшиносии миллӣ», мазмун ва ҷузъҳои сохтории он муайян карда мешавад; аҳамияти педагогикаи халқӣ ҳамчун эҳтиёҷоти ангезандае муайян карда мешавад, ки раванди ташаккули худшиносии миллии наврасонро таъмин менамояд. Дар асоси назария ва муқаррароту хулосаҳои таҳияшуда «Барномаи ташаккули худшиносии миллӣ тавассути педагогикаи халқӣ берун аз фаъолияти таълимӣ» таҳия ва амалӣ гардид. Барнома имкон медиҳад, ки муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар машгулиятхои беруназсинфӣ, инчунин фаъолони ҷамъиятӣ ба раванди иҷтимоию фарҳангӣ ҷалб карда шаванд, самараи ташаккули худшиносии миллии насли наврасро таъмин намоянд.

**Мутобиқати рисола ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Рисола ба нуктаҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.05 – Назария, методология ва ташкили фаъолияти иҷтимоию фарҳангӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мувофиқ аст: ***банди 1*** – Методикаи омӯзиши ҷомеашиносӣ. - фаъолияти фарҳангӣ ва иҷтимоию педагогӣ, аз ҷумла моҳият, сохтор, вазифаҳо, принсипҳои онҳо; ***банди 2*** - Татбиқи равишҳои методологӣ дар омӯзиши фаъолияти иҷтимоӣ-педагогӣ; тарҳрезӣ, пешгӯӣ, моделсозии равандҳои иҷтимоӣ-педагогӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва фарҳангӣ) ва ***банди 4*** — Сифати ташкили фаъолияти иҷтимоию фарҳангӣ (технология ва усулхои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию фарҳангӣ ва иҷтимоию педагогӣ; меъёрҳо, нишондиҳандаҳо, нишондихандаҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти

иҷтимоию фарҳангӣ ва иҷтимоию педагогӣ; назорат ба сифати чорабиниҳои иҷтимоию маданӣ) мувофиқ аст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқот** бо истифода аз муқаррароти илмӣ-педагогӣ ва муносибати мунтазам ба омӯзиши мавзӯи тадқиқот; маҷмӯи усулҳои тадқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ, ки ба мавзӯи интихобшуда ва ҳадафҳои асосии тадқиқот мувофиқанд; хусусияти мураккаби озмоиши марҳилавӣ, ки фарзияи тадқиқотӣ ва ғояи тадқиқотро тасдиқ мекунад, истифодаи усулҳои собитшудаи тадқиқот ва коркарди натиҷаҳои бадастомада, талабот ба коркарди педагогӣ ва илмию методӣ барои ташаккули худшиносии насли наврас дар марҳалаи ҳозира таъмин карда мешавад.

**Саҳми шахсии довталаб** барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар соҳаи тадқиқот бо таҳлили ҳамаҷонибаи мушкилот, пайвастагии мувофиқи тадқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ муайян карда мешавад; таҳлили миқдорӣ ва сифатии маълумоти бадастомада; истифодаи маҷмӯи усулҳои марбут ба ҳадаф ва вазифаҳои омӯзиш; таҳияи «Барномаи ташаккули худшиносии миллии наврасон тавассути педагогикаи халқӣ берун аз фаъолияти таълимӣ», ки ба раванди ташаккули худшиносии миллии наврасон тавассути омӯзиши амиқи мероси намояндагони адабиёти классикӣ ва муосир, анъана ва расму оин, ташкил ва баргузории ҷашнҳои миллӣ ва таҷрибаи шахсии корӣ дар Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат кардааст.

**Санҷиш ва татбиқи натиҷаҳои тадқиқот.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар нашрияҳои илмии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ чоп шудаанд, инъикос ёфтаанд. Дар рафти таҳлили натиҷаҳои «Барномаи ташаккули худшиносии миллии наврасон тавассути педагогикаи халқӣ берун аз фаъолияти таълимӣ», иштирок ва баромад бо маърӯза дар конференсияҳои илмию амалӣ ва семинарҳо ва инчунин дар ҷаласаҳои шуъбаи педагогика ва психологияи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон маърӯза ва мавриди баррасӣ қарор ёфтаанд.

**Мақолаҳо дар мавзуи рисола:** Муаллиф дар мавзӯи рисола 13 мақола ба табъ расонидааст, ки 5-тоаш дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда аз рӯйхати тавсияшудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 8 мақола дар матбуоти даврӣ ва маҷмӯаҳои маводи конфронсҳои илмӣ ба табъ расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми рисола** мантиқ ва натиҷаҳои таҳқиқотро инъикос мекунад. Кори рисола дар ҳаҷми 185 саҳифа пешниҳод гардида, аз муқаддима, ду боб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва замима иборат аст. Дар рисола 5 расм, 8 ҷадвал ва 10 диаграмма ҷойгир шудааст.

## МУҲТАВОИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Дар муқаддима мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок шуда, объект, мавзуъ (предмет), ҳадаф, вазифаҳо ва фарзияи таҳқиқот матраҳ шуда, аҳамияти назариявию амалӣ, навгонӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда, маълумот дар бораи озмоиш ва дурустии натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳод шудааст.

**Дар боби якуми рисола "Асосҳои назариявӣ-амалии ташаккули худшиносии миллии наврасон номгузорӣ гардида,** дар зербоби якум «**Заминаҳои педагогӣ, иҷтимоӣ, ташкилӣ, таъмин ва танзими фаъолият дар самти тарбияи худшиносии наврасон»** таҳлил гардидаанд.

Дар даҳсолаҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дигаргуниҳои куллӣ дар соҳаҳои иқтисодӣва сиёсӣ ба амал омадаанд, ки ба арзишҳои таълиму тарбия бо дарназардошти ҳисси худшиносии наврасону навҷавонон тавассути педагогикаи халқӣ талаботи муосири омӯзиш дар МТМУ ба шумор меравад. Дар ин шароит масъалаи таҷдиди тарбияи насли наврас, дастрасии омӯзиши онҳо тавассути педагогикаи халқӣ ва эҷодиёти халқ, ки воситаи содаю ҳадафрас барои ҳисси худшиносии онҳо мебошад.

Омӯзиши афкори педагогии шоиру нависандагони форсу тоҷик аз Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ сар карда то таълимоти инсонпарваронаи Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Умари Хайём, Хусрави Деҳлавӣ, Низоми Ганҷавӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Носири Хусрав, Мирзо Абдулқодири Бедил, Мир Саид Алии Ҳамадонӣ ба арзишҳои таълиму тарбия бо дарназардошти ҳисси худшиносии наврасону навҷавонон талаботи муосири омӯзиш дар МТМУ ба шумор меравад. Дар ин шароит масъалаи таҷдиди тарбияи насли наврас, дастрасии омӯзиши онҳо тавассути педагогикаи халқӣ ва эҷодиёти халқ, ки воситаи содаю ҳадафрас барои ҳисси худшиносии онҳо мебошад.

Дар асоси дастовардҳои педагогикаи муосири тоҷик ва бо назардошти ақидаҳои педагогии ниёгон «Консепсияи миллии тарбияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия шудааст, ки дар он тарбияи миллии мардум бори аввал ба таври консепсионӣ гузошта шуда, дарк ва ифтихори миллии шаҳрвандон боло гирифта, афкори умум ба амал меояд. Тарбияи миллӣ дар шаҳрванд сифатҳои баланди ахлоқӣ, ҳувияти миллӣ, инсондӯстӣ, озодандешӣ, мавқеи шаҳрвандӣ, ташаббускорӣ ва амсоли инро ташаккул медиҳад. Чунин

шаҳрванд қодир аст, ки дар пояи манфиатҳои миллӣ фаъолият намояд, нисбати зуҳуроти манфии ҷомеа аз лиҳози танқидӣ назар кунад, Ватани хешро дӯст дорад ва манфиатҳои онро ҳимоя намояд, ҳамчун соҳиби тафаккури миллӣ ва посдори тамаддуни миллӣ дар пешрафти ҷомеа саҳмгузор бошад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баромадҳои худ таъкид карданд, ки «Тоҷикистони соҳибистиқлол, ҷомеаи навини мо ба инсонҳои дорои хислату чаҳонбинӣ ва мафкураи нав ниёзманд аст. Мазмуну моҳияти ин мафкураи навро бояд ҳисси ифтихори миллӣ, давлатдорӣ, ватандустию инсонпарварӣ, умуман маҷмуи арзишҳои миллию умумибашарӣ ташкил диҳанд»[14].

Тоҷикон, ки яке аз қадимтарин халқу қавмият мебошанд, бо маданият, фарҳанг, анъана, забони нобу равон, арзишҳои маънавии худ дар ҷаҳон шуҳрат пайдо кардааст. Омӯзиш ва таҳлили асарҳои арзишманди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имконият медиҳад хулоса намоем, ки ин осори гаронбаҳо дар баробари аҳамияти илмиву адабӣ ва таърихӣ доштан аз назари тарбияи худшиносӣ, худогоҳӣ ва ватанпарастии насли наврас ва ҷавонон нақши басо бузургу шоиста доранд.

Масъалаҳои тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи худшиносии миллӣ бо истифода аз анъанаҳои миллӣ ва умумибашарӣ низ дар осори олимон, омӯзгорон, равоншиносон ва методистони Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус, Х.Авзалов [1], М.Орифӣ, Т.Атахонов, М.Лутфуллоев [6], А.Нуров [9], А.Паҳлавонов, Б.Раҳимов [1], Ф.Шарифзода [13], И.Каримова, Ш.Сафаров [11], Х.Раҳимзода, С.Сулаймонӣ, Б.Маҷидова [8], Ф.Гулматов, И.Давлатшоев [4] ва дигар муҳаққикон инъикос ёфтаанд. Дар осори онҳо тамоюли ҷустуҷӯи роҳҳои талабмандии арзишхои фарҳангии умумибашарии халқи тоҷик дар масъалаи таълиму тарбия инъикос ёфтааст, ки ин ба инкишофи афкори педагогии чӣ Шарқ ва чӣ дар Ғарб таъсири калон расонд.

**Худшиносӣ** ҳолат ва ҳиссиёти иҷтимоӣ аст, ки рафтору амалҳои одамонро бо самти бунёдкорию сазандагарой равона месозад. Он одамонро водор менамояд нерӯи ахлоқию зеҳнӣ ва тавоноии ҷисмонии худро ба манфиати халқу Ватан равона намояд, душвориҳоро бартараф намуда ба дастовардҳои арзишманд соҳиб гардад.

**Худшиносии миллӣ** –дар се шакл зуҳур мекунад: инфиродӣ, гурӯҳӣ ва миллӣ. Шакли инфиродӣ ба одамоне хос аст, ки барои онҳо манфиатҳои

шахсӣ дар ҷойи аввал меистад. Шакли гурӯҳӣ манфиатҳои халкро инъикос менамояд, ки уҳдадориҳои афзалиятноки ҷамъиятии шахсиятро дар бар мегирад. Шакли миллӣ манфиатҳои миллиро инъикос менамояд».[2,60]

Тарбияи худшиносии миллӣ фарогирандаи ҷанбаҳои гуногун мебошад, ба монанди омӯхтани таърих, анъанаҳои миллӣ, фарҳанги кишвари худ, иштирок дар чорабиниҳои худшиносии миллӣ ва оид ба ҳифз ва қадрдонии мероси миллӣ, эҳтиром ба дастовардҳои кишвар ва ғайра. Дар шароити кунунии ҷомеа он ҳамчун қисми таркибии тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ ва худшиносии шахсият пайгирӣ карда мешавад.

Мундариҷаи тарбияи худшиносии миллӣ тавассути ҳадаф ва вазифаҳои он муайян карда мешавад, ки сатҳи инкишофи ҷомеа аз он вобаста аст, зеро ташаккули сатҳи худшиносии ҷавонону наврасон бешубҳа бо тарбияи худшиносии онҳо иртиботи ногусастанӣ дорад. «Агар мафкура ва шуури сиёсӣ ҳар қадар баланд шавад, ҳамон қадар шахс дар сиёсату сиёсатмадорӣ ва дарки арзишҳои демократӣ ба хато роҳ намедиҳад, ҳар қадар муносибат ва психологияаш тарҳи демократӣ гирад, ҳамон қадар майлу рағбаташ ба ин сохт меафзояд ва худаш ҳиссагузору фаъол мешавад»[7,184] - қайд менамояд академик М.Лутфуллоев.

Дар робита ба ин «риояи меъёрҳои ахлоқ талаботи ҳатмии давлат ва ҷомеа гашта, сатҳи маънавиёти ҷомеа баланд мегардад» - оварда шудааст дар Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Аз ҳама муҳим ин аст, ки дар шароити кунунӣ ғояҳои педагогикаи ниёгони мо дар педагогикаи муосири миллӣ ҳаматарафа татбиқ мешаванд.

Худшиносӣ ё хештаншиносӣ, як мафҳумро ифода мекунанд, маънои васеъ доранд, яъне худро дарк кардан, худро ҳамчун шахсе фаҳмидан, мувофиқи фаъолияту аъмоли худ муносибат кардан, ба кору кирдори худ, тафаккур ва ҳиссиёти худ, хоҳишу ҳаваси худ, донишу доираи назари худ баҳо дода тавонистан аст. Дарки раванди рушди ҷомеа, дастгирӣ ва иштироки фаъолона дар он муҳимтарин вазифаи тарбия буда, ба инкишофи шахсият алоқаманд мебошанд. «Худшиносии миллии фард ғояи мансубияти миллӣ, муносибат ба гузаштаи таърихии миллат, имрӯзу фардои он, фаъолият дар азхудкунии забони модарӣ, омӯзиши фарҳанги мардумӣ, огоҳӣ ва қабули манфиатҳои миллӣ ва арзишҳои миллӣ, ташаккули муносибат бо ҷомеаҳои дигари этникиро ифода мекунад»[5,3] - қайд мекунад муҳаққиқ П.Дониярова.

Дар асоси гуфтаҳои боло метавон рукнҳои тарбияи худшиносии миллиро дар ҷомеаи демократӣ дар нақшаи зерин тарҳрезӣ намоем:

**Расми 1.**




Аз ин рукнҳо маълум мешавад, ки пояҳои тарбияро дар мактаб арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ ташкил медиҳанд, ки онҳо аз манфиати ҳар гуна сиёсату идеология ва ҳизбу созмонҳо афзалтаранд. Талаботи воқеии наврасӣ хоҳиши тасдиқи худ, ҷустуҷӯи мавқеи худ дар ҷаҳон аст. Қонеъ гардондани ин талабот доираи чамъиятии насли наврасро васеъ намуда, уро аз доираи таҷрибаи фардиаш берун мебарорад, ба ташаккули идеал ва муносибат дар зиндагӣ такони мусбӣ мебахшад. Давраи наврасӣ аз он ҳам мураккаб аст, ки маҳз дар ҳамин давра ташаккули худшиносии шахсият сурат мегирад. Шарти зарурии ташаккули он, аввалан, азхуд кардани микдори муайяни дониш, таҷрибаи зиндагӣ, дуюм, қобилияти тафаккури абстрактӣ, умумикунонии дониш ва таҷрибаи ҷамъшуда мебошад.

Равоншиноси рус Л.С.Виготскийқайд мекунад, ки “Наврасӣ ҳамчун давраи махсуси инкишофи онтогенетикии шахс фаҳмида мешавад, ки асолати он дар мавқеи фосилавии он байни кӯдакӣ ва камолот аст. Он як давраи хеле дарозро дар бар мегирад. Оғози он ба 11-12 сола рост меояд ва то 15 то 17-18 солагӣ бо роҳҳои гуногун анҷом меёбад.” [3] Дар ин маврид равоншинос С.Алиев қайд мекунад: «Наврасӣ аз кӯдакӣ ба балоғат гузаштан аст, наврасон худро калонсолон вонамуд карда, мустақилиятро мекушанд ва мисли калонсолон рафтор мекунанд. Давраи наврасӣ давраи муҳими ташаккули шахсият аст. Махсусан, худшиносӣ ва худбаҳодиҳӣ ташаккул ёфта, зарурати худомӯзӣ ва рушди худ ба миён меояд».

Ҳамин тариқ, наврасӣ давраи хеле муҳим аст, зеро аксар вақт ҳаётиояндаи инсонро муайян мекунад. Тасдиқи истиқлолият, ташаккули шахсият,

таҳияи нақшаҳои оянда - ҳамаи ин маҳз дар ҳамин синну сол ташаккул меёбад.

Масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд ба он роҳбалад мекунад, ки тарбияи фарзанд дар рӯҳияи инсондӯстӣ, ифтихори ватандорӣ, ахлоқи ҳамида ва эҳтироми арзишҳои миллӣ амалӣ гардад. Чунин хислатҳои наҷиби инсонӣ моҳияти маънавӣ дошта, дар тафаккури инсон дар давоми ҳаёту зиндагиаш ташаккул меёбанд. Дар раванди чунин ташаккулёбӣ таъсири муҳит, ҷамъият, пеш аз ҳама, оила ва таълиму тарбия нақши муҳим мебозад.

**Дар зербоби дуюм «Педагогикаи халқӣ ҳамчун заминаи тарбияи маънавию ахлоқӣ ва худшиносии наврасон»** масъалаи ташаккули тарбияи маънавию ахлоқии насли наврас дар педагогикаи халқӣ таҳлил гардидааст.

Педагогикаи халқӣ аз қадимулайём манбаи рушду такомули фаъолиятнокии адабӣ, тарбияи зеҳну шуур ва хотираи некбинонаи кӯдакону наврасон гардидаанд, ки дар ҳар хонавонда, кӯдакистону муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, донишкадаҳои олӣ ба таври васеъ истифода бурда мешавад. Мавзӯи педагогикаи халқӣ – илм дар бораи таҷрибаи мардум оид ба тарбияи насли наврас, дар бораи тайёрии педагогӣ ба ҳаёт, зиндагӣ, ба зиндагонии оилавӣ, авлоду қабила, халқияту миллат мебошад.

Дар ҳалли масъалаҳои ташаккули худшиносии миллии арзишҳои этнофарҳангӣ ва умумибашарӣ ба татбиқи эҷодии мероси педагогии классикии Шарқ дар осори мутафаккирони барҷаста Балъамӣ, Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Абуалӣ ибни Сино, Носир Хусрав, Ҳофизу Саъдӣ, Камол Хуҷандӣ ва Абдураҳмон Ҷомӣ, Аҳмади Дониш ва Садриддин Айнӣ ва дигарон ҷои муҳим дода мешавад, ки ба ғанӣ ва амиқтар шудани ҷанбаҳои нави илми педагогӣ такони хеле қавӣ бахшиданд.

Мо имрӯз педагогҳои барҷастаи номии халқҳои ба худ наздик, аз зумраи олими чех – Ян Амос Коменский, олмон – Адолф Дистервег, швейсариягӣ – Иоганн Генрих Песталотси, Жан-Жак Руссо, рус – Константин Дмитриевич Ушинский ва дигаронро медонем, ва дар ин радиф мо мутафаккирону олимони халқи тоҷику форс А.Рудакӣ, А.Фирдавсӣ, Умари Хайём, М.Саъдӣ, А.Ҷомӣ, Ф.Аттор, А.Дониш, С.Айнӣ, Б.Ғафуров, М.Турсунзода ва дигарон, инчунин асарҳои олимони педагогикаи муосири халқи тоҷик Т.Атохонов, М.Орифӣ, И.Обидов, М.Лутфуллозода, Ф.Шарифзода, К.Б.Кодиров, И.Каримова, А.Нуров, Х.Раҳимзода, Б.Маҷидова, Ш.Сафаров, С.Сулаймонӣ, Н.Юнусова, Д.Латифзода, Ф.Гулматов, Ҷ.Файзализода, А.Мирализода ва дигаронро таълиф менамоем, ки осори онҳо ба тарбияи ахлоқи ҳамидаи умумиинсонӣ равона карда шудаанд.

Академик Ф.Шарифзода қайд мекунад: «Предмет ё мавзӯи омӯзиши педагогика раванди комилу воқеии педагогика маҳсуб меёбад, ки ба таври ҳадафманд институтҳои махсуси иҷтимоӣ, хонавода, муассисаҳои омӯзишӣ ва фарҳангӣ-тарбиявиро ташкил медиҳанд».[13,83].

Педагоги барҷаста Ж.Ж. Руссо таъкид мекунад, ки «Тарбияи одам ҳамзамон бо таваллудаш оғоз меёбад». Файласуф Б.П. Битинас дар рисолаи худ «Муқаддима ба тарбияи фалсафа» гуфтаҳои дигаронро ҷамъбаст мекунад, ки «… тифл ҳанӯз то таваллудаш аз муҳити берун баъзе ишораҳоро қабул мекунад, ки ба ташаккули сохтори фардию шахсии ӯ бетаъсир намемонад».

Масъалаи таҳқиқшаванда, махсусан дар «Авасто» ва дигар манбаъҳои тоисломии тоҷикон, дар сарчашмаҳои динӣ, осори ахлоқии ниёгони тоҷик, дар адабиёт ва дар асарҳои мушаххасе чун «Қобуснома»-и Унсурмаолии Кайковус, «Гулистон» ва «Бӯстон» -и Шайх Саъдӣ, «Андарзномаи Анӯшервон» -и мансуб ба Бадеъи Балхӣ, «Ахлоқи носирӣ»-и Насириддини Тӯсӣ, «Ахлоқи мӯҳсинӣ» ва «Футувватномаи султонӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ, «Баҳористон»-и Абдураҳмони Ҷомӣ ва бисёр дигарон хеле нишонрас баён гаштаанд, ки дар тарбияи инсони комил нақши созгоре доранд [6,165].

Пиндори нек аз назари зардуштон иборат аз нияти нек аст, ки ба рӯҳияи таълимоти Аҳурамаздо мутобиқ бошад. Пиндори нек омода будан ба набарди зидди шар ва зулмат, мадад ба хешу ақрабо ҳангоми эҳтиёҷ ва хатар, ҳаёти мусолеҳаомез боҳамагон аст.

Фирдавсӣ одамонро чун таълимоти зардуштиён ба ростқавлӣ ва парҳезкорӣ аз дурӯғу фиреб даъват менамояд:

“Ҷавонмардию ростӣ пеша кун,
Ҳама некӯӣ андар андеша кун.” [6,135].

Дар таҳқиқоти худ профессор Х.Афзалов қайд намудааст: «Дар таълимоти зардуштия инсон бо рафтори худ ё ба тарафдорони дохил мешавад, ё ба тарафдорони торикӣ. Аз ин ҷост, ки принсипҳои ахлоқии таълимти зардуштия чунинанд: «пиндори нек», «кирдори нек», «рафтори нек».[1,49] Дар асоси ин се мафҳум дар оянда самти рафтори инсон дар ҳаёти рӯзмарра бо ақидаи педагогии меҳнатдӯстӣ, ҳақиқат, боадолатӣ ва амсоли инҳо муайян карда шудаанд.

Боиси қайд аст, ки олимони ватанӣ оид ба масъалаҳои гуманизм ва арзишҳои миллию умумибашарӣ рисолаҳои докторӣ ҳимоя намуда, натиҷаи онҳоро дар шакли китобу дастурҳо рисола ба табъ расондаанд. Аз ҷумла М.Лутфуллоев дар китоби «Шарафномаи миллат», «Эҳёи педагогикаи Аҷам», «Тоҷикистони соҳибистиқлол ва масъалаҳои тарбия», И.Каримова: «Фарҳанг-сарчашмаи гуманизм», «Некӣ некӣ ба бор орад», Х.Раҳимзода

«Таъсири муассисаҳои иҷтимоии таълим ба омодагии хонандагони синфҳои болоӣ ба ҳаёти оилавӣ», Д.Латифзода «Тарбияи донишҷуён дар рӯҳияи арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ», А.Нуров «Талаботи муосир ба тарбияи насли наврас ба ҷавонон», Ф.Гулматов «Нақши арзишҳои маънавӣ дар тарбияи мактабиёни хурдсол», «Арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, заминаҳои пайдоиш, инкишоф ва нақши онҳо дар тарбияи инсон», Б.Маҷидова, Л.Иматзода «Мавқеи одату анъанаҳо, адабиёти бадеӣ дар инкишофи кӯдакони синни томактабӣ ва дигар.

Тавре боло қайд намудем, дар адабиёти педагогӣ-равонӣ ва махсусан дар осори мутафаккирони тоҷику фору масъалаҳои тарбияи ахлоқӣ ҷойгоҳи асосиро ишғол мекарданд. Ин осор асосан дорои хусусияти пандомезона буда, муаллифони онҳо ҳамчун сарчашмаи маънавиёт ва ахлоқи баланд дар тамоми ҷаҳон шухратманд гардиданд.

“Фалсафаи тарбия, умуман педагогикаи ниёгонамонро таҳқиқ ва эҳё менамоем, то ба оламиён бифаҳмонем, ки мо, тоҷикон, дар тарбия ҳам фалсафа ва симои хоси худро дорем ва дар ҳаёти ҳамарӯзаамон, дар низоми таълиму тарбияи мардумамон, дар тарбияи наслҳои ҷавонамон истифода мебарем” [6,207] - қайд менамояд М.Лутфуллозода. Дар ахлоқи ниёгон ҷавонмардӣ мақоми хеле баланд доштааст. Футувват ё ҷавонмардӣ ин машҳур будан ба сифати ҳамида ва ахлоқи писандида аст, ки инсонро бо ин хислатҳо аз ашхоси дигар фарқ мекунонад. Ҷавонмардӣ натиҷаи худтарбиякунии инсон ва сифати ботинии ӯст.

Тоҷикон панднома ва андарзномаҳои зиёде аз ниёгони худ ба мерос гирифтаанд, ки то кунун ҳам метавонанд мавриди истифода қарор дошта бошанд. Ин андарзномаҳоро метавон ба гуруҳҳо ҷудо намуд:

1) сарчашмаҳои зардуштӣ ва андарзномаҳое, ки дар рӯҳияи ахлоқи зардуштӣ ва ориёӣ нигошта шудаанд.

2) сарчашмаҳои исломӣ чун Қуръону ҳадисҳо ва пандномаҳои асосгузорони мазҳаби ҳанафӣ чун Имоми Аъзам ва Мотурудӣ;

3) андарзномаҳои дар назму насри адабиёти мо овардашуда;

4) асарҳои фалсафии ба ахлоқ бахшида шуда;

5) асарҳои маъмулан серистифода аз илму адабиёт, ки байни онҳо «Шоҳнома»-и безаволи Фирдавсӣ, шеър ва асарҳои баландғояи устод Рӯдакӣ, Носири Хусрав, «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолиддин Балхӣ (Румӣ) повесту «Ёддоштҳо»-и устод Садриддин Айнӣ, ашъори Мирзо Турсунзода, Мӯъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Гулрухсор, Зулфия, Гулназар, Низом Қосим, намоишномаҳои Нур Табар, Сафармуҳаммад Аюбӣ, Ҳақназар Ғоиб, повестҳои Урун Кӯҳзод, Абдулҳамид Самад ва даҳҳои дигар намунаи беҳтарини тарбияи андешаи миллӣ мебошанд.

Имрӯз дар ҷомеаи мо зарурияти истифода бурдани анъанаҳои

пешқадам ба миён омадааст. Ин зарурият аз инҳо бармеояд, ки анъанаҳои пешқадам ҳамчун ташаккулдиҳандаи маънавиёти одам, воситаи муҳими тарбияи ахлоқии насли наврас дар замони ҷаҳонишавӣ буда, дар ҷомеа рафтор, амал, одобу кирдор, ҳиссиёт ва олами маънавиро идора менамоянд. Онҳо арзиши фарҳангию маънавии халқ буда, дар шаклгирии шуури насли наврас нақши муҳим доранд [4].

**Дар зербоби сеюм «Роҳу усулҳои ташаккули худшиносии миллии наврасон мавриди истифода аз арзишҳои миллии халқи тоҷик»** ифроз гардидааст, ки дар ҷомеаи кунунӣ дониш, маҳорат ва малака барои фаъолияи инсон ва барои мавқеи устувор пайдо кардан дар ҷомеа зарур мебошанд. Тоҷикон яке аз қадимтарин халқ буда, бо маданият, фарҳанг, анъана, забони ширадору равон - хулоса, арзишҳои маънавии худ дар ҷаҳон шуҳрат пайдо кардаанд. Тавре ки илми педагогика собит менамояд, тарбия, махсусан тарбияи миллӣ, хусусиятҳои хоси худро дорад. Беш аз ин, вай аз доираи таълим берун баромада, фаъолияти муассисаҳои фориғ аз синфу мактабро фаро мегирад.

Таҳлилҳо собит месозанд, ки камолоти ахлоқию маънавии насли наврас аз самаранок гардонидани ҳамбастагию ҳамкориҳои педагогии пайвастаи хонадони шогирдон, муассисаи таълимӣ ва аҳли чомеа вабастагии куллӣ дорад. Устувор гардонидани ҳамкориҳои педагогӣ ва равонию иҷтимоӣ баҳри тарбияти насли баркамол бешубҳа ба худшиносию худогоҳии миллӣ, бунёдгузорию созандагӣ ва пешравии кишвари маҳбуб хоҳад расонд.

Тарбияи миллии шаҳрванд бе донистани маълумоти нисбатан васеъ, ки аз сарчашмаҳои гуногун мегиранд, имконнопазир аст. Манбаъ ва сарчашмаҳое, ки маълумот ва маънавияти шахсиятро ғанӣ мегардонанд:

• мероси таърихию фарҳангии ниёгон, ки хотираи таърихии халқро ташкил менамоянд;

• арзишҳои фалсафию фарҳангии миллат;

• урфу одат, анъанаҳо ва тарзи зиндагии миллат, ки дар онҳо хусусиятҳои миллии мардуми кишвар инъикос ёфтааст;

• маводи воситаҳои ахбори умумии чопӣ;

• нутқу гузоришҳои роҳбари давлати Тоҷикистон;

• арзишҳои ахлоқии миллӣ ва умумибашарӣ.

Мусаллам аст, ки ба асри XXI тағйиротҳои глобалӣ аст, ки ин амри воқеъист. Мафҳуми глобалӣ ё глобализатсия аз забони лотинӣ гирифта шуда, ба маънои кураи замин меояд. Ин мафҳумро дар забони тоҷикӣ бо вожа ва таркибҳои «ҷаҳонгароӣ», «ҷаҳонӣ шудан», «ҷаҳонишавӣ» ифода мекунанд. Ҷаҳонишавӣ осори манфии зиёде дорад, ки ба андешаи муҳаққиқони муосир хароб шудани муҳити зист, тамоюлоти манфӣ дар

иқтисоди миллӣ, буҳрони давлатҳои миллӣ, таъсири фарҳанги ғарбӣ, рушди тариқатгароӣ ва ҷудоиталабии қавмӣ ва ғайра аз ҷумлаи онҳоянд. Худшинос дар маҷмӯъ холӣ аз ҷавҳари ахлоқӣ аст. Зеро тамаъ, ғазаб ва ҷаҳл дар замони муосир бе монеа рушд карда истодаанд. Дар гузашта меъёрҳои суннатии ахлоқу одоб дар ҷомеаҳо пеши роҳи ин рафторҳои зиштро мегирифтанд. Ҳоло ин раванд ғайриимкон гаштааст.

Олимони варзида К.Д. Ушинский М.Лутфуллозода, Ф.Шарифзода, А.Нуров, Б.Маҷидова А.Б.Панкин, А.Г.Хузина ба он ақидаанд, ки яке аз роҳҳои ташаккули худшиносии наврасон истифодаи методи эътиқод дар тарбия аст. Самаранокӣ ва таъсирнокии ин метод дар илми педагогика собит гардидааст. Эътиқод роҳи ташаккули донишҳо ва ақидаҳост. Дар тарбияи наврасон ҳамон донишҳое, ки инсоният бобати таърих, дин, фарҳанг, арзишҳо, анъана ва расму ойинҳои мардуми кишварҳои дигар ҳосил мекунад, нақши муассир доранд.

Педагоги бузурги рус К.Д. Ушинский иброз медорад: «Роҳи аз ҳама муҳими тарбияи инсон эътиқод аст. Ба эътиқод танҳо бо эътиқод метавон таъсир кард. Ҳар гуна барномаҳои таълим, ҳар гуна методҳои тарбия, бо вуҷуди хуб будан агар ба эътиқод табдил наёфта бошад, тарбия ҳарфест бе рӯҳ, ки ягон хел қуввае надорад» [12,121]. Дар ин маврид профессор Б.Маҷидова чунин изҳори ақида намудаанд: “Эътиқоди ватандӯстӣ эътиқоди ғоявӣ буда он маҷмуи донишҳоеро дар бар мегирад, ки ба низом дароварда шудаанд ва тасаввуроти ягонаро дар бораи ватани зист ва мавқеи шахсро дар ин ҷаҳон созмон медиҳад. Дар асоси эътиқод боварӣ ба ҳақиқӣ будани донишҳо, ғояҳо, муҳокимаҳо, арзишҳо нуҳуфта аст: онҳо ҳамеша ба низоми ҷамъбастии ақидаҳои инсон нисбати ҷаҳон, алоқаи мутақобилаи ашёҳо ва падидаҳо сидқан омехта гардидаанд» [8,49 ].

Олимони соҳаи тарбия самаранокии методи ибратро (намуна шуданро) низ дар ҳамаи синнусол таъкид кардаанд. Зиндагиномаи шахсиятҳои бузург баҳри инсон ҳамчун идеал хизмат мекунанд ва чун ситораи қутб роҳ равшан месозанд. «Идеал,- менависад Л.Н.Толстой,- ситораи роҳнамост. Бе он самти устувор нест, самт, ки нест, зиндагӣ ҳам нест». Бе идеал наметавон зист. Идеал на танҳо раҳнамо, инчунин муҳофизи инсон аст.

Таҳияи «Барномаи ташаккули худшиносии миллӣ тавассути педагогикаи халқӣ дар фаъолияти берун аз таълимӣ» маҷмӯи чорабиниҳоро доир ба мафҳуму моҳият ва роҳу усулҳои тарбияи ахлоқӣ-маънавиро дар наврасону ҷавонон дар бар гирифта, ҷустуҷӯю дарёфти тадбирҳои тарбиявиро дар шароити макотиби таҳсилоти миёнаи умумӣ баррасӣ мекунад. Шаклҳои ҳамкорӣ боомӯзгорон, падару модарон, мутахассисони соҳаи маориф дар маҳал, коршиносон ва фаъолони ҷамъиятӣ оид ба

ташаккули худшиносии наврасон аз баргузории чунин чорабиниҳо иборат буд, ки рисолаи илмӣ таҳлили пурра гардидааст.

Дар шароити кунунӣ падару модарон баҳри таъмини таълиму тарбияи фарзандон ба ҳаллу фасл намудани баъзе проблемаҳои асосии МТМУ кумаки амалии худро мерасонанд. Кумитаҳои падару модарон нақшаи фаъолияти хешро аз нав таҳрезӣ намудаанд, ки то як андоза ба баланд гардидани сифати таълиму тарбияи фарзандонашон мусоидат менамояд.

Вазифаи муҳиму аввалиндараҷаи муассисаҳои таълимии кишвар тарбияи шахси хештаншиносу ватандӯсту аз ҳиҳати ахлоқӣ устувор, дорои тафаккури эҷодӣ, дорои қобилияти ташкилӣ ва ташкили фаъолияти касбии хеш дар ҷомеаи шаҳрвандӣ ба шумор меравад. Ҳамоҳангсозии фаъолияти оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеа метавонад дар тарбияи худшиносии миллии наврасон мусоидат намояд.

**Боби дуюм «Мазмун ва технологияи ташаккули худшиносии миллии наврасон дар асоси педагогикаи халқӣ»** ба корҳои таҷрибавӣ бахшида шудааст, ки дар асоси он барномаи «Барномаи ташаккули худшиносии миллии наврасон дар асоси педагогикаи халқӣ берун аз фаъолияти таълимӣ» коркард гардида, ба амал бароварда мешавад.

**Зербоби якум «Ҳамоҳангсозии фаъолияти оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеа дар тарбияи худшиносии миллии наврасон»** номгузорӣ гардидааст, масъалаи тарбияи наврасон дар Тоҷикистон паҳлӯҳои мухталиф дошта, аз ҷониби олимону таҳлилгарон равандҳои фикрӣ ва фарҳангии муҳити онҳо ба таври алоҳида омӯхта мешавад, ки иҷрои ин амал барои шинохти зарфиятҳои мавҷуда ва таҳдиду хатарҳои муосир имкони фарохеро ба миён меорад.

«Предмет ё мавзӯи омӯзиши педагогика раванди комилу воқеии педагогика маҳсуб меёбад, ки ба таври ҳадафманд институтҳои махсуси иҷтимоӣ, хонавода, муассисаҳои омӯзишӣ ва фарҳангӣ-тарбиявиро ташкил медиҳанд» - қайд намудааст Ф.Шарифзода. Яке аз принсипҳои муҳими тарбияи шаҳрвандон, аз ҷумла-наврасону ҷавонон арзишҳои миллӣ ва гуманизм ё башардустӣ, инсондустӣ, инсонгароӣ мебошад. Бинобар ин, омӯзишу баррасии масъалаи мазкур водор месозад,ки , гуманизми волои халқро ба наврасон бифаҳмонем, яъне насли наврас бояд аз таърихи ҳақиқиаш огоҳ бошад, бидонад, ки ӯ кӣ буд, чӣ гуна арзишҳои миллӣ ва дар миқёси таърихи умумибашарӣ чӣ гуна мавқеъ дошт, зеро то наврасону ҷавонон гузаштаашонро надонад, ба қадри имрӯзааш намерасад.

Вобаста ба шароити имрӯзаи кишвар ва тағйирёбии босуръати ҷаҳони муосир зарурати тарбияи шаҳрвандӣ ва худшиносии насли наврас беш аз пеш ба миён омадааст. Тарбияи шаҳрвандӣ ва худшиносии наврасону

ҷавонон вобаста ба паҳн гардидани идеологияву андешаҳои ғалат дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва интернет барои рушди онҳо аҳамияти хоса дорад.

Нақши ҷомеа дар худшиносии миллӣ хеле муҳим буда, ҳамкории мактабу оила ва аҳли ҷамъиятро бо якдигар дар самти иҷрои вазифаи муҳими давлатӣ оид ба тарбияи насли наврас тақозо дорад. Ҷиҳати амалӣ гардидани он барномаи мукаммале лозим, ки ҳам самтҳои илму маориф ва ҳам фарҳангу маданиятро дар бар гирифта, барои ҳар синну сол, қишрҳои гуногуни аҳолӣ, вобаста ба донишу фаҳмиши онҳо, ҷаҳонбинию доираи назари онҳо мувофиқат намояд.

Албатта, худшиносӣ мушкилиҳо дорад, дараҷаю зинаҳо дорад. Ҳар кас, ки дар ин роҳ қадам мегузорад, ногузир бояд дараҷа ба дараҷа се зина паси сар бикунад:

1) худро шинохтан;

2) дигаронро шинохтан;

3) хақро шинохтан [6,246 ].

Бояд таъкид кард, ки равнақи тафаккури миллӣ лозим аст, тафаккуре, ки зарурияти ваҳдатро байни миллати тоҷик, аз як сӯ, ва аз сӯи дигар, байни ҳамаи халку миллатҳои сокини Ҷумҳурӣ дарк намояд. Дар идома академик М.Лутфуллозода қайд мекунанд: «Дар гузашта мо ба тарбияи чунин тафаккур, беҳтараш тафаккури миллӣ машғул набудем. Инак, тамоми институтҳои тарбия (оила, мактабу донишгоҳҳо, пажӯҳишгоҳҳо, матбуот, садо ва симо, созмону ҷамъиятҳо...) ба ин кори муқаддас камар банданд, то дар тафаккури ҳамагон аз хурд то калон як тағйироти куллӣ ба нафъи ваҳдати миллӣ ба амал ояд» [7,179].

Бояд гуфт, ки тамоми намуди тарбияи наврасону ҷавонон аз оила ибтидо мегирад, ки дар ин миён тарбияи худшиносии онҳо истисно нест. Тарбияи худшиносии наврасон ҳанӯз аз оғози кӯдакӣ тавассути тарбияи волидайн ва маҳз тарбияи модар аз гаҳвора бо баробари хондани сурудҳои мазмуни қаҳрамониву меҳанпарастидошта оғоз мегардад.

Дар бораи тарбияи худшиносии наврасон ва нақши ҳамоҳангсозии фаъолияти оила бо муассисаҳои таълимӣ дар ҷомеа бояд гуфт, ки масъулият аз ду ҷониб ба амал меояд ва албатта, саҳмгузорӣ дар сатҳҳои гуногун иҷро мегардад. Ин саҳмгузорӣ аз тарафи падару модар, яъне оила низ аз ду ҷиҳат вобаста аст:

1) аз сатҳи саводнокии падару модари наврасон, яъне дар оилаи зиёиён ва хизматчиёни давлатӣ, ки наврасон тарбият мeёбанд, ба таври анъанавӣ ва зарурати корӣ натанҳо тарбияи ахлоқиву зебоипарстӣ (эстетикӣ), балки тарбияи худшиносии фарзандон бештар ва хубтар ба роҳ монда мешавад;

2) дар оилаҳои наврасон натанҳо баҳри тарбияи ватандӯстиву худшиносӣ, балки барои тарбияи ахлоқиву зебоипарастии наврасон

дахолати ҳамкории муассисаҳои таълимӣ, ҷомеа ва хусусан татбиқи “Қонуни ҶТ “Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак”[10] бештар ба роҳ монда мешавад.

Арзишҳои маънавӣ пеш аз ҳама дар арзишҳи фарҳангӣ, аз ҷумла забон, адабиёт, расму оин ва анъанаҳо, ҳунарҳои мардумӣ, таҷрибаи ҳаётӣ ва ғ. таҷассум мегарданд. Онҳои манбаи азхудкунии таҷрибаи ҷамъиятӣ буда, мувофиқ ба матлабу эҳтиёҷоти ҳаёт азхуд шуда, мавриди истифода қарор меёбанд.

Бояд қайд кард, ки тарбияи худшиносии наврасон ва ҳамоҳангсозии фаъолияти оила бо муассисаҳои таълимӣ дар ҷомеа аз ду ҷониб ба амал меояд ва албатта саҳмгузорӣ дар сатҳҳои гуногун иҷро мегардад. Ин саҳмгузорӣ аз тарафи волидайн, яъне оила низ аз ду ҷиҳат вобаста аст:

1) аз сатҳи саводнокии падару модари наврасон, яъне дар оилаи зиёиён ва хизматчиёни давлатӣ, ки наврасон тарбият меёбанд, ба таври анъанавӣ ва зарурати корӣ натанҳо тарбияи ахлоқиву зебоипарстӣ (эстетикӣ), балки тарбияи худшиносии фарзандон бештар ва хубтар ба роҳ монда мешавад;

2) дар оилаҳои душвортарбия натанҳо баҳри тарбияи ватандӯстиву худшиносӣ, балки барои тарбияи ахлоқиву зебоипарастии наврасон дахолати муассисаҳои таълимӣ ва хусусан татбиқи «Қонуни ҶТ «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» бештар ба роҳ монда мешавад.

Мутаассифона, дар ҷомеа дар ҳама давру замон оилаҳое вуҷуд доранд, ки худи падару модари фарзандон ба тарбия ниёз доранд. Дар чунин оилаҳо ҳамоҳангсозӣ ва дахолати на танҳо муассисаҳои таълимӣ, балки тамоми институтҳои ҷамъиятӣ ба назар мерасад. Маҳз дар ин маврид барои тарбияи худшиносии наврасон шароитҳои иҷтимоӣ-педагогӣ тавассути педагогикаи халқӣ ва эҷодиёти халқӣ беш ва пеш аз таъсиргузор аст.

Бояд гуфт, ки тоҷикон, ба ибораи Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчун миллати тамаддунофар, барои тарбияи насли наврас ҳам тавассути педагогикаи халқӣ ва ҳам тавассути адабиёти шифоҳӣ саҳми босазо гузоштаанд. Дар ин раванд ҳамбастагиву ҳамгироиҳои якҷояи оила бо муассисаҳои таълимиву тарбиявии кишвар баҳри тарбияи худшиносии наврасон хеле бамаврид мебошад.

**Дар зербоби дуюм «Корҳои таҳқиқотӣ-озмоишии раванди худшиносии миллии наврасон дар асоси педагогикаи халқӣ»** баргузории корҳои озмоишӣ, мақсад ва вазифаҳои марҳилаҳо, роҳҳо ва усулҳои гузаронидани корҳои таҷрибавӣ тавсиф карда шудаанд.

Ташаккули худшиносии миллӣ дар насли наврас аҳамияти муҳим ва баланди педагогӣ дорад, зеро он ба ҷаҳонбинии умумӣ ва худшиносии инсон таъсиргузор аст. Тарбия намудани худшиносии миллӣ, хештаншиносӣ ва ватандӯстӣ бояд ҳамчун мафҳумҳои аз ҷиҳати мантиқӣ ба

ҳам алоқаманд, ҳамчун ҷузъи таркибии сифатҳои маънавию ахлоқӣ эътироф ва амалӣ карда шаванд. Аз ин лиҳоз, муҳим аст, ки фаъолияти касбии омӯзгорон дар МТМУ ва МТОК ва талошҳои волидайн дар оила барои тарбияи худшиносии наврасону ҷавонон бояд дар иртиботи ҳамешагӣ бошад.

Дар марҳилаи таҳқиқотӣ ба чунин хулоса омадем, ки давраи ҳозираи инкишофи ҷомеа нисбат ба ташаккули сифатҳои шахсият, такмили раванди таълиму тарбия дар заминаи ақидаҳои мутаффакирони гузаштаи тоҷику форс муносибатҳои навро тақозо мекунад. Зеро таҳлилҳо нишон медиҳад, ки индивидуализми тарғибкардаи Ғарб дар байни наврасон ба рушди андешаҳои эгоистӣ, яъне худпарастӣ овардааст. Маъниҳое чун солимии ахлоқӣ, ватандӯстӣ, соҳиби маънавиёт будан имрӯз аз ҷониби бархе аз наврасон коста гардидааст Дар тарбия наврасон муҳимтарин сифатҳои ахлоқӣ, аз қабили маънавиёт, озодӣ, ҷавонмардӣ ва ғайра, ки дар афкори педагогии миллӣ дарҷ ёфтаанд, истифода гарданд. Ин арзишҳо ба тарбияи худшиносии миллӣ ва иҷтимоишавии наврасон мусоидат менамоянд.

Ҳамаи ин ақидаҳо моро водор мекунад, ки дар замони ҷаҳонишавӣ дар баробари баланд бардоштани ифтихори ватандорию худшиносии миллӣ, шаъну шарафи шаҳрвандӣ, тарбияи миллатпарварӣ барои нигаҳдошти миллат ва арзишҳои миллӣ дар рӯ ба рӯи ҷаҳонишавӣ ё глобализатсия, ки хавфи аз байн рафтани миллату давлатҳои миллиро амри воқеӣ гардонидааст, барои тарбияи шахсияти наврасону ҷавонон бештар саъю кӯшиш намоем. Дар ин роҳ омӯзиши ахлоқи ҳамидаи миллӣ ва фарҳангу адаби миллӣ воситаи муҳим ҳисобида мешавад.

Ҳадафи асосии тадқиқот муайян намудани талабот, интизорӣ ва бартариҳои наврасон дар самти таълим додан/гирифтан оид ба ташаккули тафакури миллӣ ва худшиносӣ мебошад. Дар рафти тадқиқот тасвири васеъи интизорӣ ва талаботи муаллимон ва талабагони синфҳои 7-9 мушаххас карда шуданд.

Навоварии таҳкиқот дар он аст,ки роҳу усулҳ ва шаклҳои корҳои банақшагирифта ба рушди худшиносии миллии наврасон ва иҷтимоикунонии онҳо равона гардидаанд. Ба монанди:

•ташкили омӯзиши таҷрибаи пешқадам ва дар фаъолияти навоварона ва эҷодкоронаи коллективҳои педагогӣ истифода намудани он;

•ташкил намудани дарсҳои кушоди намунавӣ ва соатҳои тарбиявӣ дар ҳузури волидайн ва омӯзгорони фаннӣ;

•баланд бардоштани сатҳи таълиму тарбия зимни баргузории маҳфилҳои илмию адабӣ, озмунҳои фаннӣ, ҳафтаҳои фаннӣ ва дигар корҳои беруназсинфӣ).

Корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №10,1-и ноҳияи Восеъ, №21-и шаҳри Кӯлоб ва №№35,36-и шаҳри Душанбе, наврасони синни 15-17 солаи ҷамоати шаҳраки Ҳулбук, ҷамоати деҳоти Тугараки – н.Восеъ баргузор гардид. Дар рафти озмоиш қариб 120 нафар наврасон (хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ) , 15 наврасоне, ки аз таҳсил дур мондаанд), 35 нафар омӯзгорон ва 25 нафар намояндагони гуруҳҳои гуногуни аҳолӣ иштирок намуданд.

Барои ноил шудан ба ин ҳадаф вазифаҳои зерин муайян карда шуданд:

– гузаронидани ташхис бо мақсади муайян намудани дараҷаи ташаккули худшиносии миллии хонандагон;

-интихоби равишу усулҳо, шаклҳои корҳои беруназсинфӣ оид ба худшиносии миллии хонандагон;

- ташхиси такрорӣ барои муайян кардани тағйирот дар ташаккули худшиносии миллии хонандагон;

- муносибат нисбати одамон (эҳтироми калонсолон, муносибати дӯстона, ғамхорӣ, ростқавлӣ, таҳаммулпазирӣ).

- сатҳи ҳамкории оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеа дар тарбияи худшиносии миллии наврасон.

Дар маҷмӯъ 154 нафар пурсиш гузаронида шуд. Ба ҷузъҳои маърифатии ҳувияти миллӣ инчунин фарҳанги миллӣ, забон, таърих, маърифати этникӣ ва ғайра дохил мешаванд.

Ба наврасон барои муайянсозии донишҳои онҳо саволномаи зерин пешниҳод гардид:

1. Кадом қаҳрамонони халқи тоҷикро медонед, ки барои озодии ватани худ бо аҷнабиён мубориза бурдаанд? Спитамен, Шерак, Темурмалик.

2. Кадом достону ривоятҳои қаҳрамонони халқиро медонед, ки дар онҳо барои оромии ватан мубориза бурдаанд?

3. Кадом шоирони тоҷик дар асарҳои худ симои каҳрамонони ватандусту ватанпарварро зиёдтар ва эътимодбахш тасвир намудаанд?

4. Каҳрамонҳои ватандӯсти халқи тоҷик, қаҳрамонони Тоҷикистон бо кадом амалҳои худ аз ҳамдигар фарқ мекунанд?

5. Кадом асарҳои Сарвари давлати тоҷикон – Эмомалӣ Раҳмонро аз худ намудаед, ки дар онҳо каҳрамонӣ ва сифатҳои ватандӯстии миллати тоҷик баҳои арзишманд дода шудаанд? Онҳоро номбар намоед?

6. Кадом каҳрамонони халқиро медонед, ки он бо сифатҳои ватандӯстонаи худ дар байни мардум эътироф гардидаанд?

7. Дар бораи каҳрамонҳои халқи тоҷик кадом нависандаҳо асарҳои бадеӣ – таърихӣ эҷод кардаанд?

8. Барои ватандӯсту ватанпарвари ҳақиқӣ шудан нақшаҳои шахсии худро доред ва онҳоро кай, чӣ тавр ва дар куҷо амалӣ кардан мехоҳед?

Ба хизмати ҳарбӣ рафтан ва дар ҳифзи марзу буми Ватан иштирок карданро барои худ ҳатмӣ мешуморед ё не? Барои чӣ? Баҳодиҳии худ ба дониши таърих, фарҳанг, забони халқ аз рӯи саволнома чунин натиҷа дод: дараҷаи олӣ – 11%, кофӣ – 30%, миёна – 35%, суст — 24%. Ҳамагӣ бо 120 нафар хонандагон суҳбат гузарониданд.

Ҳамин тавр, сатҳи кофии дониши таърих, фарҳанг, забон аз рӯи баҳогузории хонандагон ҳатто 40 фоизро ташкил намекунад.

**Диаграммаи 1.**




Дар ташаккули симои иҷтимоию ахлоқии наврасону ҷавонон, баъд аз тарбияи хонаводагӣ ва саҳми омӯзгорони МТМУ ва МТОК, инчунин муҳити зисту фаъолияти онҳо низ нақши муҳим дорад. Ҳадафи дигари таҳқиқот муайян намудани талабот, интизорӣ ва бартариҳои наврасону ҷавонон (наврасони 15-17 сола) дар самти таълиму тарбия додан/гирифтан оид ба роҳҳои тарбияи худшиносии миллӣ мебошад. Дар рафти тадқиқот тасвири васеъи интизорӣ ва талаботи муаллимон ва талабагони синфҳои озмоишӣ мушаххас карда шуданд.

Аз ин рӯ, дар таҳқиқоти мазкур масъала мавриди таҳлил қарор ёфта, барои таҳияи барномаи таълимии ташаккули худшиносии миллии наврасон, байни хонандагон, омӯзгорон ва фаъолони ҷамъиятӣ пешбинӣ шудааст. Нуктаҳои зикршуда бояд дар раванди таҳияи барномаи таҳқиқотӣ васеъ истифода шаванд, чун сатҳи биниши масъала шаҳру ноҳияҳои мавриди назар қарор гирифтаро дар бар мегирад.

Ба афкори наврасони имрӯза кадом унсурҳо таъсири мустақим мерасонанд, тариқи баргузории пурсишнома чунин натиҷагирӣ гардид:

**Диаграммаи 2.**




Дар рафти таҳқиқот муайян гардид, ки сатҳи саводи имрузаи бархе аз наврасон вобаста ба дарки вазъият, имконоти муосири иртиботӣ ва ғайра фарқ мекунад. Яъне наврасон бештар аз равандҳои мобилӣ иттилоъ доранд ё бевосита дар он ширкат мекунанд. Аз натиҷаи пурсишнома бармеояд, ки наврасони имрӯза аз тариқи телефон аз ҳамаи хабарҳо огоҳ ҳастанд ва асосан шабакаҳои иҷтимоӣ, махсусан кишварҳои хориҷиро тамошо мекунанд. Аз ин рӯ, дар барномаи таълимии мазкур ба назар гирифтани ин вазъият ва ба тадриҷ боло бурдани сатҳи худшиносии миллии наврасон дар самти истифодаи воситаҳои муосири иттилорасонӣ ба мақсад мувофиқ мебошад.

Доир ба масъалаи истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ ва манбаҳои шаклгирии афкор фикрҳои гуногун иброз гардиданд ва аксари нуктаҳои хусусияти хулосавӣ низ доранд. Масалан, дар рафти мусоиҳиба зикр шуд, ки дар ташаккули афкори наврасон нақши муаллимон ва намояндагони дин баланд аст ва бояд аз ин бартарият истифода намуд. Омӯзгорон ва фаъолони ҷамъиятӣ зикр намуданд, ки афкори наврасон дар ҷамоати шаҳраки Ҳулбук, ҷамоати деҳоти Тугарак асосан тариқи интернет ва шабакаҳои моҳворавӣ шакл мегирад. Қисмати ками наврасон телевизионҳои ватаниро тамошо мекунанд. Асосан шабакаҳои хориҷии варзишӣ (бокс, ҷанги бидуни қоида) таваҷҷуҳ доранд. Ҳамзамон таъсири амиқи сериалҳои хориҷӣ низ ҳаст, ки наврасон ба қаҳрамонҳои онҳо тақлид мекунанд.

Дар рафти таҳқиқот наврасон зикр карданд, ки калонсолон аз он ҷумла волидайн ва муаллимон фикру назари онҳоро ба назар мегиранд, ин

икдом хусусан дар баргузории чорабиниҳои варзишӣ (ташкили озмун оид ба ин ё он намуди варзиш) намудор мегардад. Омӯзгорон ва коршинсон низ ҳамин нуктаро зикр намуданд, зеро ба назар гирифтани фикри наврасони имрӯза барои баробари баланд бардоштани ифтихори ватандорию худшиносии миллии онҳо дар замони ҷаҳонишавӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Имрӯз зарурате ба миён омадааст, ки барои наврасон маводе пешниҳод шавад, ки ба он таъсирбахш бошад. Масалан, дар ҳудуди ноҳия ва шаҳрҳои озмоишӣ ҷалб намудани наврасон ба сафи артиш мушкилоти муайянро доранд. Ҷиҳати рушди масъулиятшиносӣ дар байни наврасон корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида шуд, ки то фарҳанги мустақил будан дар онҳо ташаккул ёбад.

Барои муайян кардани дараҷаи фаҳмиши хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ пеш аз озмоиши асосӣ пурсишҳои тестӣ (санҷишӣ) омода намудем. Инчунин, ҷавоб ба саволҳои кӯтоҳ «Тафаккури миллӣ чист?» «Эҳсоси худшиносиро чӣ тавр мефаҳмед?» ва «Муҳаббат ба Ватанро бо истифодаи кадом мафҳумҳо шарҳ дода метавонед?», ки ба хонандагону наврасони ҳудуди маҳалҳои мавриди таҳқиқот қарорёфта пешниҳод ва мавриди таҳлил қарор дода, натиҷаҳои ба дастомадаро ҷамъбаст гардиданд. Дар раванди ташхиси аввалия, натиҷаҳои зерини муайян карда шуд:

**Диаграммаи 3.**




Натиҷаҳои омӯзиш баёнгари онанд, ки шумораи зиёди хонандагон – 46%, тафаккури миллӣ, худшиносии миллӣ тасаввуроти дақиқ надоранд.

Ҳамзамон, бояд зикр намуд, ки теъдоди зиёди мусоҳибон дар ҷавоб додан мушкилӣ мекашиданд ва гирифтани назари онҳо низ душвор ба даст меомад. Аксари ҷавобҳои пешкашшуда пурра набуда, варианти «ҳа», «не», «намедонам», «мушкилӣ мекашам» ва ғайраро ташкил медод.

**Диаграммаи 4.**




Натиҷаҳои таҷрибаи муайянкунанда чунин нишон дод, ки дар умум зимни баргузории марҳалаи ибтидоии тадқиқоти таҷрибавӣ аксарияти наврасони гурӯҳҳои назоратию озмоишӣ - 46% дар сатҳи миёнаи ташаккули худшиносии миллӣ буданд. Дар дараҷаи кофӣ – 17%, паст – 25% ва фақат 12% ҳам дар гурӯҳи озмоишӣ ва ҳам дар гурӯҳи назоратӣ дараҷаи баланди худшиносии миллӣ доштанд.

Дар асоси натиҷаҳои бадастомада ба чунин хулоса омадан мебояд омад, ки дар шаҳру ноҳияҳои мавриди назар зикр шуда имрӯз зарурати ҷиддии кор бо наврасон дар самти ташаккули худшиносӣ ва афкори миллӣ эҳсос мешавад ва он иҷрои мақсадҳои зеринро дар бар мегирад:

- Ташвиқ барои хондан ва донишомӯзӣ;
- Барои дар оянда гумроҳ нашудани наврасон;
- Мусоидат барои интихоби касби мувофиқ;
- Кор бо вазъи руҳия ва вазъи психологӣ.

Бояд қайд кард, ки баргузории мушоҳида ва суҳбатҳо нишон медиҳанд, ки наврасон аҳл ҳастанд ва якдигарро дастгирӣ мекунанд. Калонсолонро эҳтиром менамоянд ва рафтору кирдори хуб доранд. Хонандаҳо хоҳиши таҳсил доранд, вале набудани назорати ҷиддӣ аз ҷониби муаллимон ва волидайн ба раванди таълиму тарбия таъсири манфӣ мерасонад. Омӯзгорону коршинсон бар ин андешаанд, ки сатҳи худшиносии миллӣ паст аст ва ҳама аз оқибатҳои манфии он огоҳ ҳастанд ва дар ин самт корҳои маърифатӣ таъсири амиқ мерасонанд. Аз нигоҳи онҳо сабабҳои асосиро ба нуктаҳои зерин вобаста мебошад:

1. Аз беназоратии волидайн ва муҳити атроф;
2. Аз оилаҳои носолим (муҳити оилавӣ вайрон аст);
3. Аз мактаб дур мондани наврасон.
4. Ба худомӯзӣ машғул набудани наврасон, махсусан хониши китоби бадеӣ.
5. Ба ташкилотҳои динӣ рӯ овардани наврасон ва ғайра.

Зимни суҳбат бо омӯзгорон зикр шуд, ки тарғибу ташвиқи худшиносӣ дар ташаккули худшиносии наврасон ба роҳ монда шудааст, вале наврасону ҷавонон ба дарки он сарфаҳм намераванд. Худшиносии наврасон паст буда, ин омил боиси бетарафӣ дар ҷомеа шудааст. Чунин раванд бешубҳа барои барномарезиҳои минбаъда бо наврасон, барои рушди солими муҳити онҳо таъсири манфӣ мерасонад ва корбарӣ бо онҳоро тақозо дорад.

Дар идомаи фасли дуюм **“Амсилаи барномаи раванди ташаккули худшиносии миллии наврасон»** пешниҳод гардида, қайд мешавад, ки раванди педагогӣ ягонагии мазмуну мундариҷа ва методологияи раванди таълиму тарбия ва муттасилиро дар ҳамаи марҳилаҳои раванди озмоиш таъмин менамояд. Яке аз муҳимтарин вазифа дар рафти таҳқиқот иборат аз он аст, ки аз захираи бузурги таълимоти педагогии мутаффакирони форсу тоҷик ва анъанаҳои фарҳангӣ интихоб намудани маводе ҳаст, ки метавонад барои тарбияи босифати насли наврас мусоидат намояд.



Бинобар ин, мақсад гузошта шуд, ки дар самти маърифатнокию шаклгирии ҷаҳонбинии наврасон худшиносии миллӣ, ифтихори ватандорӣ ва масъулияти шаҳрвандии онҳоро баланд бардоштан лозим аст. Дар ин ҷода ба барномаи таҳқиқот бештар асосҳои миллии таълиму тарбия дохил карда шуданд. Инчунин, дар ин кор муҳити таълимии мукаммал, ки фаъолияти ҷории таълимӣ, берун аз синфӣ ва берун аз муассисаи таълимиро дар бар гирифта, хусусиятҳои фарҳангӣ, этникӣ ва минтақавиро дорад, фароҳам оварда шуд.

Дар рафти тадқиқот аз ҷониби хонандагон, омӯзгорон, волидон ва фаъолони ҷамъиятӣ силсилаи пешниҳодҳо оид ба интизории онҳо аз барномаи таълимӣ зикр шуд. Аз ин рӯ, тавсияҳоро ба се бахш ҷудо намудем, ки барои омода намудани барномаи таълимӣ ва истифодаи минбаъдаи он пешбинӣ шудааст.

Тартиби баргузории таҳқиқот тибқи «Барномаи ташаккули худшиносии миллӣ тавассути педагогикаи халқӣ дар фаъолияти берун аз таълимӣ» баргузор гардид ва ба **се марҳила** ҷудо гардид:

**Марҳилаи 1:** Гузаронидани корҳое, ки ба ташаккули таваҷҷуҳи устувор ба омӯзиши анъанаҳои миллӣ ва мероси маънавии халқи тоҷик, амалӣ намудани ниёзҳо ва худтакмилдиҳии наврасон нигаронида шудаанд;

**Марҳилаи 2:** Мутаҳҳид намудани фаъолияти муассисаҳои таълимӣ, оилава ташкилотҳои ҷамъиятӣ ба раванди педагогии мақсаднок барои шиносоии наврасон бо арзишҳои маънавӣ;

**Марҳилаи 3:** Дар алоқамандӣ бо марҳилаи 2 ташкил ва гузаронидани чорабиниҳо, сайругашт, инчунин гузаронидани вохӯриҳо бо ходимони илму фарҳанг, омӯхтани мероси Ватан, ташкили намоишҳои ҳунарҳои мардумӣ ва ғайра.

Барои ташаккули худшиносии миллии наврасон дар фаъолияти беруназтаълимӣ чунин чорабиниҳои тарбиявӣ анҷом дода шуд:

1. Баланд бардоштани самаранокии корҳои тарбиявӣ, таъмини фароғати насли наврас, фаъолияти эҷодӣ ва тарзи ҳаёти солим дар давраи фориғ аз таҳсил (соатҳои тарбиявӣ, маҳфилҳои ҳунаромӯзӣ ва фаъолияти эҷодӣ ва тарзи ҳаёти солим).

Баргузор намудани мулоқоту вохуриҳо бо кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, ветеранҳо (иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва ҷанговарони байналмилалӣ), ходимони дин ва ғайра;

2. Идомаи нашри мақолаҳо дар матбуоти даврии ҷумҳурӣ;

4. Ташвиқи наврасон ба китобдустӣ ва китобхонӣ;

6. Омӯзиши арзишҳои имрӯзаи мардуми тоҷик барои рушди солими ҷомеа;

Зимни баргузории таҳқиқот дар муассисаҳои таълимии ноҳияи Восеъ, шаҳрҳои Душанбе ва Кӯлоб барои баланд бардоштани сатҳи тарбияи наврасон, тарғибу ташвиқи одоби муошират, риояи арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ ва дар рӯҳияи ватандӯстӣ, хештаншиносӣ ва ҷавонмардиву ахлоқи ҳамида ба воя расонидани наврасон чунин корҳо ба анҷом расонида шуданд:

- ташаккули андешаву шуури миллӣ, гиромидошти анъанаҳои умумибашарӣ, ҳисси ватанпарастӣ, зеҳни солиму ақли расо, хислатҳои ҳамидаи инсонӣ, аз ҷумла рафтор, пиндор ва гуфтори нек – «Ҷаҳонишавӣ ва оқибатҳои он», «Гуфтаҳои панднок ғизои ҷон аст», »Рафтор ва одоби намунавӣ сифатҳои инсони комил»,

-ташвиқ ва тарғиби пандномаи ахлоқии ниёгон, таҳаммулпазирӣ, муомилаву муошират ва фазилатҳои писандидаи инсонӣ « - Анъанаҳои миллӣ ва суннатҳои муосири мо», «Омӯзиши амиқи мероси гузаштагони бузурги мо»;

-ба роҳ мондани тарғибу ташвиқот тариқи воситаҳои ахбори омма ҷиҳати рушду ташаккули тарбияи насли наврас дар шароити муосир – «Ҷаҳонишавӣ ва оқибатҳои он», «Китобхона гавҳари боигариҳои маънавии инсоният», «Дин ва фарҳанги истеъмоли иттилоот», «Оила ҷои муқаддас аст!» ва ғайра.

- таъмини тарзи ҳаёти солим, пешгирӣ намудани ҳодисаҳои ҷинояткорӣ ва рафторҳои номатлуб « Роҳи зиндагиро бе тамоку пеша кунед!», «Ба сӯи ҳаёти солим", «Одами бомаҳорат хор намешавад», «Ҳадафи ман барои оянда!

Дар ҷараёни таҳқиқот шаклҳои гуногуни кор бо хонандагон барои татбиқ дар амалияи таълимӣ – сайёҳат, мусобиқаҳо, бозиҳои интеллектуалӣ ва варзишӣ, намоишҳои видеоӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои виртуалӣ баррасӣ ва пешниҳод карда шуданд.

Ба омӯзгорони синфҳои озмоишӣ пешниҳод гардид, ки бештар мувофиқи соатҳои таълимӣ шаклу жанрҳои гуногуни эҷодиёти шифоҳии халқро истифода намоянд. Вобаста ба истифода аз усулҳои фаъоли таълим бештар ташкилу гузаронидани байтбарак, мушоира, озмун ва маҳфили ҳозирҷавобон аз ҷониби омӯзгорони пешқадами муассисаҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ дар доираи муносибати босалоҳият истифода гардид.

Дар раванди дарси адабиёт, таърихи халқи тоҷик ва соатҳои тарбиявӣ панду ҳикматҳои ниёгон, эҷодиёти шифоҳии халқ оиди муҳаббат ба Ватан, садоқату вафодорӣ, хештаншиносӣ, ҳифзи табиату кишвар, умеду орзуи

хонандагон, дӯстию рафоқат бо ҳамсолон, соҳиби номи нек, кӯмак ба падару модар дар оила ва ба атрофиён истифода гардиданд.

**Дар зербоби сеюми боби дуюм “Ҷамъбасти корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба ташаккули худшиносии миллии наврасон ва натиҷаҳои он”** дида баромада шуд.

Мушоҳида ва таҷрибаи озмоишӣ-педагогӣ нишон медиҳад, ки ҷузъи муҳими низоми ташаккули худшиносии миллӣ дар истифодаи педагогикаи халқӣ (этнопедагогика), аз ҷумла адабиёти бадеӣ, анъана ва расму оинҳои миллӣ шакли самараноки мустаҳкамнамоӣ, нигоҳдорӣ ва ба наслҳои минбаъда мерос гузоштани муносибатҳои маънавии маданӣ-иҷтимоӣ мебошанд. Хусусияти муҳими анъана ва расму оинҳои миллӣ дар риоя намудани муносибатҳои ҷамъиятии оммаи васеъи мардум зоҳир мегардад.

Аз ин рӯ, барои тарбия ва рушди худшиносии наврасон баланд бардоштани худшиносии миллӣ, ифтихори ватандӯстӣ ва масъулияти шаҳрвандии онҳо ҳадаф гузоштан лозим буд. Дар ин сурат ба барномаи тадқиқот бештар принсипҳои миллии тарбия дохил карда шуданд. Инчунин, дар ин раванд муҳити ягонаи таълимӣ ташкил карда шуд, ки фаъолиятҳои таълимии берун аз синф ва берун аз муассисаи таълимиро дар бар гирифта, дорои хусусиятҳои фарҳангӣ, этникӣ ва минтақавӣ мебошад.

Баъди баргузории чорабиниҳои банақшагирифта дар гурӯҳҳои озмоишӣ дараҷаи худшиносии миллии наврасон хеле тағир ёфт ва дараҷаи дарку фаҳмиши онҳо оиди ҷузъҳои худшиносӣ ва ифтихори миллӣ – «Тафаккури миллӣ», «Муҳаббат ба Ватан», «Эҳсоси худшиносӣ» то дараҷаи қонеъкунанда боло гирифт.

**Ҷадвали 1.**

| № | Гурӯҳҳо / Буришҳо | **Дараҷаи ташаккули худшиносии миллии наврасон (%)** | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Шумораи | Баланд | Кофӣ | Миёна | Паст |
| | | иштирок чиён | Натиҷаи буриши якум | | | |
| 1. | Гурӯҳҳои озмоишӣ | 60 | 12,2 | 31,4% | 31,7% | 24,7% |
| 2. | Гурӯҳҳои назоратӣ | 60 | 11,2% | 29,1% | 36,3% | 23,4% |
| Натиҷа баъд аз баргузории корҳои озмоишӣ-эксперименталӣ | | | | | | |
| 1. | Гурӯҳҳои озмоишӣ | 60 | 24,6% | 54,4% | 13,6% | 7,4% |
| 2. | Гурӯҳҳои назоратӣ | 60 | 13,2% | 36,2% | 29,7% | 20,9% |

Натиҷаҳои бадастомада аз он шаҳодат медиҳад, ки худшиносии миллии наврасон (махсусан оид ба ҷузъҳои худшиносии миллӣ) баъд аз роҳандозии «Барномаи ташаккули худшиносии миллӣ тавассути педагогикаи халқӣ дар фаъолияти берун аз таълимӣ» дар гурӯҳи озмоишӣ тадриҷан зиёд гардида, ба дараҷаи баланд ва кофӣ баромад, ки натиҷааш дар диаграммаи 5 оварда шудааст:

**Диаграммаи 5.**




Натиҷаҳои озмоишҳои асосӣ собит месозанд, ки хусусияти тарбияи худшиносии наврасону ҷавонон яке аз масъалаҳои мубрами педагогика буда, ба интихоби мазмун, шакл ва усулҳои ба таълими муосир ниёз дорад. Барои бомуваффақият ташаккул додани эҳтиёҷоти худшиносии наврасону ҷавонон аз тарафи омӯзгорони босалоҳият ва пуртаҷрибаи соҳа, шахсони мутассадӣ бояд талаботи зерин риоя карда шавад:

- муайян намудани воситаҳои педагогии ташаккули ҷузъҳои инкишофи худшиносии шахсият (дарки худшиносии миллӣ, худшиносӣ, худбаҳодиҳӣ, масъулиятнокӣ);
- инкишоф додани қобилияти дарки худшиносии миллӣ ва қадрдонии обу хоки Ватан, ҳаёти одамони наҷиб;
- ба инобат гирифтани хусусиятҳои равонии вобаста ба синну сол дар раванди ташаккули ҷузъҳои инкишофи худшиносии наврасону ҷавонон ва ғайра.

Баргузории тадқиқот собит намуд, ки фарзияи кор оид ба мақсад мувофиқ будани истифодаи фарҳангу анъанаҳои миллӣ дар ташаккули худшиносии наврасон тасдиқ гардид. Чунин корҳо ба фаъол гардидани фаъолияти миллӣ-ватандустии наврасон, афзудани шавқу ҳавас ба омӯзиши мероси мадании миллии халқи худ мусоидат карданд.

Муносибати педагогие, ки мо ба истифодаи барномаи фаъолияти иҷтимоӣ-педагогӣ дар ташаккули худшиносии миллии хонандагони синфҳои 7-9 амалӣ гардонидем, ба фарҳанги миллӣ, анъанаҳо, арзишҳои миллӣ такя

намуда, нисбат ба фарҳанги халқи худ муносибати арзишмандро парвариш менамояд.

## ХУЛОСА

1. Тарбияи маънавию ахлоқии насли наврас ҳамчун рукни асосии давлатдории миллӣ дар рушди ҷомеаи муосир яке аз самтҳои асосӣ маҳсуб ёфта, масъалаи дар зеҳну шуури хонандагон ва ҷавонон тарбия кардани эҳсоси худогоҳии миллӣ, худшиносии таърихӣ, истифодаи анъанаҳои беҳтарини маорифи миллӣ ва умумибашарӣ, арзишҳои фарҳангию ахлоқӣ мусоидат менамояд [1-М;4-М].

2. Консепсияҳои педагогӣ ва иҷтимоии асосҳои педагогии ташаккули худшиносии миллии насли наврас ҷамъбаст гардида, моҳияти педагогии ибораи «худшиносии миллӣ», мазмун ва ҷузъҳои сохтории он муайян шуданд, ки аҳамияти педагогикаи халқӣ ҳамчун эҳтиёҷоти ангезандае муайян карда мешавад, ки раванди ташаккули худшиносии миллии наврасонро таъмин менамояд [3-М;4-М].

3. Дар соҳаи тадқиқот бо таҳлили ҳамаҷонибаи мушкилот, пайвастагии мувофиқи тадқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ муайян карда шуда, таҳлили миқдорӣ ва сифатии маълумоти бадастомада, маҷмӯи роҳу усулҳои марбут ба ҳадаф ва вазифаҳои омӯзиш мавриди истифода қарор ёфтанд [2-М;5-М].

4. Хусусиятҳои минтақавии ташаккул ва зуҳуроти худшиносии миллии наврасон ошкор гардида, дар асоси он роҳҳои бартараф намудани мушкилоти мавҷудбуда дар шаҳру ноҳияҳои таҷрибавӣ мавриди корбарӣ қарор ёфтанд [2-М;3-М].

5. Барномаи ташаккули худшиносии миллӣ тавассути педагогикаи халқӣ дар фаъолияти беруназтаълимӣ» бо истифода омӯзиши мероси намояндагони адабиёти классикӣ ва муосир, анъана ва ойинҳои миллӣ, ташкил ва баргузории чорабиниҳое, ки дар рафти онҳо ҳисси мансубият ба арзишҳои маънавии мардум ташаккул ёфта, фаъолияти иҷтимоӣ ва фарҳангӣ зоҳир мегардад, коркард ва асоснок шуда, тавсияҳои методӣ оид ба такмили ин раванд пешниҳод гардид [1-М;4-М;5-М].

6. Таҳқиқоти мунтазам ва муфассал гузаронидашуда дар бораи тарбияи худшиносии миллӣ, истифодаи методҳои назариявию таҷрибавӣ ва шароити иҷтимоию педагогии таҳқиқ, омӯзиши педагогикаи халқӣ ва унсурҳои энопедагогика эҷодиёти халқ эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро таъмин намуданд [3-М;4-М].

7. Зимни баргузории чорабиниҳо бо иштироки падару модаро, онҳо шарики доимии муассисаҳои таълимӣ гардида, тарбияи оилавӣ тадриҷан дар тарбияи худшиносии миллии наврасон нақши муҳим пайдо намуд. [2-М;4-М].

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАДҚИҚОТ

1. Барои мактабҳои олии омӯзгорӣ соатҳои фанҳои ҷамъиятӣ зиёд карда шавад, чун мутахассисони оянда тасаввуроти комил оид ба равандҳои ҷаҳониро пайдо намоянд. Махсусан муҳим аст, ки онҳо ҷаҳонбинии муосир дошта, бошанд ва равандҳо ва таҳдиду хатарҳои муосирро тафсир намуда тавонанд.

2. Вазифаҳои роҳбарони синфҳоро дар гузаронидани соатҳои тарбиявӣ муайян гардида, китобҳо ва барномаҳои тарбиявӣ оид ба ташаккули худшиносии миллии насли наврас барои тамоми зинаҳои таҳсилот таҳия гарданд.

3. Барои омӯзиши адабиёти классикии тоҷик ва муосир ҷиҳати рушди худшиносии наврасон дар такя ба тафаккур, фарҳанг ва ахлоқи миллӣ таҳқиқот гузаронида шавад.

4. Дар муассисаҳои таълимӣ рӯйхати тавсиявии адабиёти бадеиро мунтазам мавриди корбарӣ қарор дода, мутолиаи онҳоро дар корҳои беруназсинфӣ ва дар маҳфилҳои наврасону ҷавонон зери назорат қарор диҳанд;

5. Барои мубориза бо амалҳои коррупсионӣ, экстремизм ва терроризм, инчунин барои «иммунизатсияи иҷтимоии наврасону ҷавонон» аз гаравидан ба ҳар гуна ҳаракатҳои радикалӣ ва бегонапарастӣ тавассути истифодаи мероси ғании ниёгон тадбирҳо андешида шавад.

## МУНДАРИҶАИ АСОСӢ ВА НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ ДАР ИНТИШОРОТИ ЗЕРИНИ МУАЛЛИФ БА ТАБЪ РАСИДААНД:

***I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи бонуфузи аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Федератсияи Россия тавсияшуда нашр шудаанд:***


[1-М] Ризоева Н.М. Арзишҳои миллӣ ҳамчун заминаи ташаккулёбии ҷахонбинии миллии насли наврас. //Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. Душанбе. 2020. №2 (30). – С.196-199. - ISSN 2617 – 5320.

[2-М] Ризоева Н.М. Масъалаҳои назариявии тарбияи худшиносии миллӣ зимни омӯзиши ашъори Лоиқ Шералӣ, моҳият ва сохтори худшиносии миллӣ. [Матн] / Иматзода Л. М., Ризоева Н. М. // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. 2022. №1 (37). – С.78-83. ISSN 2617–5320.

[3-М] Ризоева Н. М. Масъалаҳои тарбияи ахлоқӣ ва моҳияти он дар иҷтимоишавии ҷавонон. //Паёми Академияи таҳсилот. Душанбе. 2022.- №4 (34). - С.174-182. ISSN 2222–9809.

[4-М] Ризоева Н.М. Ташаккули ҷаҳонбинии насли наврас дар асоси педагогикаи халқӣ. // Паёми Донишгоҳи миллӣ. Душанбе. 2023. №7 (0148). – С.266-276. ISSN 2074–847.

[5-М] Ризоева Н. М. Аҳамияти тарбияи худшиносии миллӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ дар ташаккули зеҳни хонандагон. [Матн] / Иматзода Л. М., Ризоева Н. М.// Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. 2024. №4 (48). – С.20-24. ISSN 2617–5320.

***II. Мақолаҳои илмие, ки дар дигар нашриёҳо ба чоп расидаанд:***

[6-М] Ризоева Н.М. Андоза нигаҳ дор //Дин ва ҷомеа. Душанбе. 2017. №5(38). – С.14-17.

[7-М] Ризоева Н.М. Ба хотири рӯзгори обод // Фируза. Душанбе. 2017. №4. – С.5–8.

[8-М] Ризоева Н.М. Ҷавонон, равандҳои муосир ва ҳуввияти миллӣ //Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ «Педагогикаи халқӣ ва таҳсилоти муосир: анъана, таҷриба ва инноватсия» Душанбе. 2019. – С.44-45.

[9-М] Ризоева Н. Сущность духовных ценностей в формировании мировоззрения подростков // Материалы YI Международной научно-практической конференции «Наука и образование в современном мире: вызовы XXI века». Нур-Султан. 2021. - С.109-112.

[10-М] Ризоева Н.М. Муносибати дифференсиалӣ дар раванди инкишофи худшиносии миллӣ дар замони муосир // Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ «Таҳқиқоти педагогӣ: мушкилот ва дурнамои он дар замони муосир». Душанбе. 2021. – С.274-277.

[11-М] Ризоева Н. Ҳамкории равонӣ-педагогии омӯзгорону волидон дар тарбияи наврасон. //Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ «Нақши донишҳои психологӣ дар пойдории муносибатҳои оилавӣ». Душанбе. 12.03. 2022. - С.201-205.

[12-М] Ризоева Н. Ташаккули ҷаҳонбинии шахсияти наврас ва воситаҳои ташаккули он. // Маводи конфреренсияи байналмилалии «Масъалаҳои мубрами назария ва амалияи тадқиқоти педагогӣ: дурнамои инкишофи он дар замони муосир». Душанбе. 2023. - С.308-312.

[13-М] Ризоева Н. Педагогикаи халқӣ ҳамчун заминаи тарбияи маънавӣ-ахлоқии наврасон. // Маводи конфренсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ «Хусусиятҳои ташкили раванди босамари таълиму тарбия зимни истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ дар муассисаҳои таълимӣ». Душанбе. 2024. -С.188-191.

**ИНСТИТУТ РАЗВИТИЯ ОБРАЗОВАНИЯ ИМЕНИ АБДУРАХМАНА ДЖАМИ АКАДЕМИИ ОБРАЗОВАНИЯ ТАДЖИКИСТАНА**

**УДК: 37.03:681**
**ТКБ: 74.0:73**
**М - 65**

***На правах рукописи***

**РИЗОЕВА НИГИНАМО МАХМАДУЛЛОЕВНА**

# ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ФОРМИРОВАНИЯ НАЦИОНАЛЬНОГО САМОСОЗНАНИЯ ПОДРОСТКОВ НА ОСНОВЕ НАРОДНОЙ ПЕДАГОГИКИ

**Повторная защита**

**Автореферат**
**диссертации на соискание ученой степени**
**кандидата педагогических наук по специальности**
**13.00.05 - Теория, методика и организация**
**социально-культурной деятельности»**
**(13.00.05.03 – Социальная педагогика и самопознание)**

**ДУШАНБЕ - 2025**

Диссертация выполнена в отделе педагогики, психологии и методики обучения Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана

**Научный руководитель** **Иматзода Лутфия Махмадулло -** доктор педагогических наук, профессор, заведующий кафедрой педагогики, психологии и методики обучения Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана

**Официальные оппоненты:** **Сабури Хайрулло Мирзозода –** доктор педагогических наук, профессор кафедры социальной и профессиональной педагогики ГОУ “Худжандский государственный университет имени академика Бободжона Ғафурова”

**Саодати Рахмонали –** кандидат педагогических наук, старший преподаватель кафедры педагогики Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки

**Ведущее учреждение:** **Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни**

Повторная защита диссертации состоится «20» ноября 2025 года, в 15:00 часов на заседании диссертационного совета 6D.КОА-030 при Институте развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана (734024, Республика Таджикистан, город Душанбе, ул. А.Адхамова, 11/2, Тел.: 227 62 46; 55 999 31 20)

С диссертацией можно ознакомиться в библиотеке и на сайте диссертатсионного совета Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана (http://www.shurodis,prmatt.tj)

Автореферат разослан «17» октября 2025 г.

**Ученый секретарь**
**диссертационного совета, к.п.н., доцент** **Котибова Ш.П.**

# ВВЕДЕНИЕ

**Актуальность темы исследования.** Воспитание национального самосознания подрастающего поколения как важнейшей опоры национальной государственности рассматривается как одно из важнейших направлений деятельности в развитии современного общества. Для воспитания подрастающего поколения очень важно обеспечить социально-педагогические условия в духе национального самосознания, и стоит отметить, что воспитание подростков и молодежи посредством народной педагогики считается более масштабным и интересным.

Следует отметить, что вопрос воспитания подростков и молодёжи в духе национального самосознания, повышения их самосознания находит своё отражение и обоснование в ряде нормативно-правовых актов страны. Именно чувство национального самосознания обуславливает мужество подростков и молодёжи в защите Родины, её границ и Отечества. Национальная идентичность – это любовь, уважение и признательность к прошлому своего народа и будущему прогрессу государства. Патриотичный гражданин ценит и гордится историей, культурой, языком, природой своей Родины и достижениями своих цивилизованных предков.

В этом смысле представляется важным мнение Основателя национального мира и единства, Лидера нации, Президента Республики Таджикистан, уважаемого Эмомали Рахмана, в котором выражается внимание системы образования к воспитанию активной и творческой личности: «Важной целью системы образования является воспитание активной и творческой личности. Рассмотрение вопросов воспитания в разуме и сознании подростков и молодежи чувства национального достоинства, исторического самосознания, использования лучших традиций национального и всеобщего образования, культурно-нравственных ценностей, которые помогли достичь научно-технического и культурного достижения, находятся под постоянным вниманием государства» [14].

В этой связи можно сказать, что современная отечественная система образования и педагогическая мысль, ответственная за воспитание будущих граждан, должна знакомить все общество, включая молодое поколение, с материальными и духовными ценностями, передовыми теориями и редкими источниками, наследием великих писателей и ученых. Основная цель — воспитание всесторонне развитой личности, развитие ее благополучия, создание условий для разработки эффективных механизмов реализации программ социального поведения.

Учитывая важность данного вопроса в период независимости в Республике Таджикистан, многие нормативные правовые акты и программы, в том числе Закон Республики Таджикистан «Об образовании», Закон Республики Таджикистан «Об ответственности родителей в воспитании и образовании детей» (2017 г.), Закон Республики Таджикистан «О молодежи и государственной политике в отношении молодежи» (2014 г.), Национальная концепция образования в Республике Таджикистан, Закон Республики Таджикистан «О

воспитании патриотизма граждан», Государственная программа воспитания патриотизма и укрепления национального самосознания молодежи Таджикистана на 2018-2022 годы, приняты и реализуются Национальная стратегия развития образования Республики Таджикистан до 2030 года и другие.

В Национальной концепции воспитания Республики Таджикистан уделяется внимание роли общества в воспитании и сохранении нравственных ценностей и самовоспитанию как важному фактору формирования нравственных ценностей, поскольку в связи с глобализацией возникли угрозы нравственным ценностям. Поэтому наша тема выбрана формирование национального самосознания в условиях глобализации, чтобы подростки и молодежь были готовы в таких условиях признавать, сохранять и развивать национальные ценности таджиков.

Большое значение в процессе реализации Государственная программа воспитания патриотизма и укрепления национального самосознания молодежи Таджикистана на 2018-2022 годы, который требует совместных усилий всех слоев общества, всех его структур и прежде всего образовательного учреждения и самой личности. Изучение нравов и манер общения является шагом к достижению этой цели и реализации государственной политики в воспитании современных подростков и молодежи. Конечными целями и задачами народного воспитания являются формирование совершенного человека общества, хозяина страны, национальной гордости и чести, представителя интеллектуальных, духовно-нравственных, культурных и других высоких ценностей общества.

**Степень изученности научной темы.** Как независимое государство Республика Таджикистан поставила перед собой цель построения демократического, правового, светского и единого государства. Его формирование и дальнейшее развитие зависит от воспитания личности с высоким нравственным уровнем, богатым духовным миром, здоровым духом и телом, высоким чувством патриотизма, гражданской ответственности и самосознания и национального благочестия, соблюдения законов, прав, свободы, трудолюбивость, ответственность, активность, творчество и созидательность. Воспитание таких граждан является обязанностью государства, общества и семьи.

Анализ и исследование духовно-нравственного воспитания является важным фактором формирования и развития научного сознания и мировоззрения подростков и молодёжи во все эпохи и времена. Поскольку этот процесс имеет политико-исторические, социальные, психологические, культурные и педагогические аспекты и реализуется в рамках государственной политики и с учётом интересов общества. Исторический аспект этого процесса подчеркнул Основатель мира и национального единства – Лидер нации, Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон в своем выступлении:

«Древняя история таджикского народа – великая школа самопознания, и мы обязаны воздать ей должное, изучать светлые страницы героизма и мужества наших предков, пропагандировать её как основу идеи патриотизма и верности Родине» [40,76].

Одним из важнейших факторов общественно-политической жизни народов бывшего Советского Союза в последнее время является бурный рост национального самосознания. Сегодня очевидно, что народы желают реального суверенитета, который будет залогом реализации их национальных интересов.

Актуальные вопросы национальной идентичности обсуждаются в работах зарубежных и отечественных философов и специалистов К.Д.Ушинский [12], Л.С.Виготский [3], Л.В. Колесниковой, В.П. Комарова, Р.Г. Абдулатипова, А.О. Бороноева, Т.Ю. Бургомистровой, М.С. Джунусова, А.Н. Стариной, К.Н. Хабибулина и др.; о вопросах народной педагогики П. Ф. Каптерева, Н. И. Костомарова, К. Д. Ушинского; разработке сущности, изложении методов и форм народной педагогики Г.Н.Волков [2], Г. С. Виноградова, работах, посвященных этнопедагогике В. А. Александрова, О. Д. Мукаевой, З. П. Васильцовой, А. Э. Измайлова, А. П. Орловой, А. Б. Панкина, А. Г. Хузина, Я. Я. Ханбикова и других.

В своих работах отечественные ученые Т. Атохонов, М. Орифи, И. Обидов, Х. Афзалов[1], М. Лутфуллозода[6], Ф. Шарифзода[13], К. Б. Кодиров, И.Х. Каримова, Х.Буйдоков, Х.Рахимзода, Б. Рахимов, А. Нуров 9], Б.Маджидова[8], С. Сулаймонова, Ш.Сафаров, Н. Юнусова, Д. Латифзода, .М. Сабури, Ш.А.Шаропов, Дж. Файзализода, Ф.Гулматов, И.Давлатшоев[4], М.М.Азизи, А.Мирализода и другие обратились к педагогическому наследию своих предков, в результате чего появилось множество исследований, в которых рассматриваются основные вопросы развития педагогических идей таджикских мыслителей. В работах М. Лутфуллозода «Гуманистическая педагогика», «Возрождение педагогики аджама», «Национальная педагогика таджикского народа» [6], Х. Афзалова, Б. Рахимова «История педагогики таджикского народа» [1], Ф. Шарифзода, Дж. Файзализода «Мудрость педагогических мыслей предков» [13], А. Нуров «Национальные и общечеловеческие ценности: основы их возникновения, развития и роль в развитии личности» [9], Х.Рахимзода «Влияние социальных образовательных учреждений на готовность старшеклассников к семейной жизни», Ш. Шаропова «Воспитательные идеи таджикского народа» и др., рассматриваются важнейшие периоды развития таджикской педагогики.

Различные аспекты этого вопроса обсуждаются в работах И.В.Кожакова, Н.А.Левитский, А.Турсунов, М.Турсунова, З. Б. Мубинова, Ф. М. Мирахмедова, М. М. Насриддинова, С. Е. Овлякулиева, В. А. Мандрагеля, П. Б. Донияровой, М. М. Насриддиновой, Л. А. Альшевской, С. С. Бусыгиной и других.

Следует отметить, что в современном мире «глубокий кризис охватил различные сферы жизни мирового общества, ослабил духовность человека и способствовал расширению чувств ненависти, войны и кровопролития, терроризма, разрушения, и т. д.". С другой стороны, глобализация содержания образования и интеграция народов и наций несет в себе риск элиминации ценностей менее населенных наций. По этой причине важным вопросом считается гуманизация жизни общества и формирование национального самосознания подростков и молодежи.

Новые требования, которые предъявляют современные условия к

